Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

11 июни соли 2022 Шанбе

№ 47 (14852)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

*Имрӯз дар мамлакатамон талабот барилова 2-3 миллиард киловатт-соат электроэнергияро ташкил менамояд. Интизор меравад, ки дар панҷ соли оянда он то 10 миллиард киловатт-соат меафзояд.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

# ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН САМТҲОИ НАВИ РУШДИ ШАРИКИИ ВАСЕЪМИҚЁСРО БО АМА ПЕШНИҲОД КАРД





**10 июн Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати Аморати Муттаҳидаи Арабро таҳти сарварии вазири оид ба корҳои Ҳукумат Муҳаммад бин Абдуллоҳ ал-Гаргавӣ қабул кард.**

Масъалаҳои мубрами рушди минбаъдаи ҳамкории бисёрҷанбаи Ӯзбекистону Аморат ва бо мазмуни нави амалӣ ғанӣ гардондани он баррасӣ гардид.

Вазир Муҳаммад ал-Гаргавӣ ба сарвари давлатамон саломи самимӣ ва орзуҳои неки Президенти Аморат Шайх Муҳаммад Ол Наҳаён ва Сарвазири кишвар, Амири Дубай Шайх Муҳаммад Ол Мактумро расонд.

Қайд гардид, ки Ҳукумати Аморати Муттаҳидаи Араб барномаи ислоҳоти васеъмиқёс ва дигаргунсозиҳое, ки дар Ӯзбекистони Нав татбиқ мегарданд, ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд, омода аст дар таъмини татбиқи самарабахши он кумаки зарурӣ расонад.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки дар солҳои охир равобити Ӯзбекистону Аморат босуръат рушд мекунад. Нишондиҳандаҳои муомилоти мол ва сармоягузорӣ меафзоянд. Ҳамин тариқ танҳо аз аввали соли ҷорӣ ҳаҷми муомилоти моли мутақобила ду баробар афзуда, дар кишвари мо 45 корхонаи нави муштарак таъсис дода шуд.

Дар асоси низоми муассири ҳамоҳангсозӣ ва пешбурди ҳамкориҳои иқтисодӣ 7 лоиҳаи бузург бо ҳаҷми сармоя дар ҳудуди се миллиард доллар бо иштироки ширкатҳои бонуфуз ва созмонҳои Аморат татбиқ мегарданд.

Дар ҳамкорӣ бо ширкати Mubadala лоиҳаи васеъ гардондани иқтидори нерӯгоҳи гармии барқии Талимарҷон, бо ширкати Masdar – сохтмони нерӯгоҳи барқии бодӣ ва офтобӣ дар минтақаҳои кишвар амалӣ гардонда мешаванд.

Бо ширкати бонуфузи DP World масъалаҳои рушди фаъолияти хаби мултимодалӣ ва минтақаи иқтисодии «Навоӣ», инчунин навсозии низоми маъмурикунонии гумрукӣ таҳия мегардад.

Ба ғайр аз ин, як қатор лоиҳаҳои бузург дар соҳаи кишоварзӣ, тандурустӣ, логистика, рақамисозӣ ва дигар самтҳо амалӣ мегарданд.

Дар рафти музокирот натиҷаҳои амалии ҳамкорӣ дар соҳаи баланд бардоштани самарабахшии идоракунии давлатӣ, инчунин дар доираи барномаи «Як миллион барномасоз» ва фаъолияти Акселератори ислоҳоти иқтисодию иҷтимоӣ бо қаноатмандии амиқ қайд гардид.

Ба сифати самтҳои нави шарикии дарозмуҳлат ҳамкорӣ дар соҳаи инноватсия ва интеллекти сунъӣ, амиқсозии мулоқот оид ба ислоҳсозии соҳаҳои калидӣ ва минбаъд такмил додани идоракунии давлатӣ, тайёр кардани кадрҳои замонавӣ муайян шуданд.

Дар бораи қабули «харитаи роҳ»-и муштарак оид ба татбиқи пурраи қарорҳои қабулшуда ва ташаббусҳои дар маҷлис ба миён гузоштташуда созиш ҳосил гардид.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

## ИСТИФОДАИ ЭНЕРГИЯИ БАРҚАРОРШАВАНДА – МАСЪАЛАИ МОЛИКИ АҲАМИЯТИ УМУМИМИЛЛӢ

***Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 10 июн ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба масъалаи вусъат додани истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия баргузор гардид.***

Дар мамлакатамон тараннуми қадри инсон дар тамоми корҳо ҳамчун тамоюли устувор муайян шудааст. Таъмини ҳаёти фаровони инсон аз бисёр ҷиҳат аз дастрасӣ ба энергия вобаста аст. Дар натиҷаи ислоҳоти солҳои охир канда шудани таъмини энергия ба таври назаррас кам гардид. Аммо бинобар зуд зиёд гардидани талаб ба энергия дар давраи тирамоҳу зимистон, ба шабакаҳои электрикӣ сарборӣ ба андозаи зиёд афзуд. Имрӯз дар мамлакатамон талабот барилова 2-3 миллиард киловатт-соат электроэнергияро ташкил менамояд. Интизор меравад, ки дар панҷ соли оянда он то 10 киловатт-соат меафзояд.

Дар чунин ҳолат усули самарабахш, вусъат додани истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия (МБЭ) дар хонадонҳо, корхонаҳо, кӯдакистонҳо, мактаб ва беморхонаҳо ба шумор меравад.

Бинобар ин дар ҷамъомад масъалаҳои васеъ татбиқ намудани дастгоҳҳо дар асоси МБЭ, чорабиниҳои рағбатноксозии аҳолӣ барои истифодаи онҳо муҳокима гардиданд.

– Масъалаи имрӯза аҳамияти умумимиллӣ дорад. Мо пеш аз ҳама аз худ бояд шурӯъ кунем. Ҳар як ҳоким, вазир, роҳбарони дараҷаҳои гуногун бояд намунаи шахсӣ нишон диҳад ва дар хонаву коргоҳи худ таҷҳизоти муқобили энергияро барои истифода устувор кунад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Бинобар ин татбиқ намудани низоми нави дастгирии аҳолӣ ва соҳибкорон муайян карда шуд. Ҳамин тариқ, барои ҳар як дастгоҳи насбгардида барои истеҳсоли электроэнергияи нерӯи офтоб ва шамол, вобаста ба иқтидори он, ҷубронпулӣ ба миқдори то 15 миллион сӯм, барои дастгоҳҳои обгармкунӣ дар асоси ин манбаъҳои энергия то 2 миллион сӯм пешниҳод мегардад. Ба ҷойи ҷубронпулӣ имконоти ба муддати 3 сол бидуни фоиз дарёфт намудани таҷҳизот пешниҳод мегардад.

Бигирем, барои гарм кардани об оила ба ҳисоби миёна моҳе 195 ҳазор сӯм харҷ менамояд. Агар оила дастгоҳи обгармкунии офтобии 200 литриро ба қимати 6 миллион сӯм устувор намояд, аз давлат 2 миллион сӯм ҷубронпулӣ мегирад. Аз ҳисоби сарфаи харҷи моҳона дастгоҳи обгармкунӣ дар зарфи 21 моҳ харҷи худро мебарорад.

Агар оила ба ҷойи ҷубронпулӣ пардохти дарозмуддатро интихоб намояд, пардохти моҳона 170 ҳазор сӯмро ташкил менамояд, яъне камтар аз харҷи ҷории моҳона, пас аз се соли истифодаи оби гарм ягон хел харҷ талаб намекунад.

Боз як афзалияташ он аст, ки ҳоҷати ба ягон идора рафтани одамон намемонад. Тамоми ҳуҷҷатҳо дар ҷойи хариди дастгоҳ расмӣ карда мешавад. Ин система аз ҳисоби фонди махсуси Вазорати энергетика татбиқ мегардад. Роҳбари давлат супориш дод, ки тамоми ҷараён рақамӣ карда шуда, системаи нав аз 1 сентябри соли ҷорӣ ба роҳ андохта шавад.

Ба бо чунин дастгоҳҳо таъмин намудани оилаҳои камтаъмин, сокинони ноҳияҳои дур ва душворгузар эътибори алоҳида нигаронда шуд. Ногузирии истифодаи дастгоҳҳо дар асоси энергияи муқобил дар иморатҳои бисёрҳуҷраи мавзеъҳои Янги Ӯзбекистон ва ҳамчунин ташкили равшан намудани кӯчаҳо дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод» ва «Маҳаллаи обод» таъкид гардид.

Дар ҷамъомад таҷрибаи мусбии маҳалҳо таъкид шуд.

Барои мисол, мактаб-интернати №3 ноҳияи Хуҷайлии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бо батареяҳои офтобии 12 киловаттӣ ва дегҳои яктоннагии обгармкунӣ муҷаҳҳаз гаштааст. Дар натиҷа муассиса соле 30 миллион сӯм аз электроэнергия ва гази табиӣ сарфа менамояд.

Филиали Донишгоҳи кимёю технологияи ба номи Менделееви Русия дар Тошканд василаи офтобии иқтидораш 100 киловаттӣ ва 36 дастгоҳи обгармкуниро истифода менамояд, ки ин имкони соле ба миқдори 2 миллиард сӯм сарфа намуданро медиҳад.

Дар ҷамъомад вазифаи паҳн намудани ин таҷриба ва марҳала ба марҳала гузоштани таҷҳизот дар асоси энергияи муқобил дар муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабҳо, объектҳои тиббӣ ва мухталифи иҷтимоӣ гузошта шуд.

Ғайр аз ин, аз соли 2023 бисёр биноҳо, мисли маҷмӯаҳои савдову вақтхушӣ, тарабхонаву меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои сӯзишвории автомобилҳо, фурудгоҳу вокзалҳои роҳи оҳан, бонкҳои тиҷоратӣ вазифадор мегарданд, ки қисми харҷи энергияи худро барои оби гарм ва равшан намудани бинӯ танҳо аз ҳисоби МБЭ таъмин намоянд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

***Дар мулоқоти онлайнии намояндагони Кумитаи оид ба корҳои дини назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва маҷмӯи «Ал-Азҳар» (Миср) шартҳои баргузории озмуни «Мероси Имом Мотурудӣ» мувофиқа карда шуданд.***

## ПАЖӮҲИШГАРОНИ МАҶМӮИ МИСРИИ «АЛ-АЗҲАР» ДАР ОЗМУНИ «МЕРОСИ ИМОМ МОТУРУДӢ» ШИРКАТ МЕКУНАНД

Озмун миёни пажӯҳишгарони тамоми марказҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва мактабҳои тахассусӣ, ки ба маҷмӯи «Ал-Азҳар» шомиланд, баргузор мешавад ва то 20 июл идома хоҳад кард. Ғолибон 1 август эълон карда мешаванд.

Ҳайати ҳакамон аз ҳисоби намояндагони Кумитаи оид ба корҳои дини назди Девони Вазирон, Академияи байналмилалии исломӣ, Идораи мусулмонони Ӯзбекистон ва маҷмӯи «Ал-Азҳар» ташаккул меёбанд.

Ҳадафи аслии озмун омӯзиши ҳаёт, фаъолият ва мероси илмии Имом Мотурудӣ, марҳилаҳои рушд ва густариши мактаби мотурудӣ, пайравони суннати мотурудӣ ва мероси хаттии илмии онҳо, омӯзиши дастхатҳои дар ҷаҳон маҳфузбуда ва дар асоси онҳо дарёфти ҷавобҳо ба мушкилоти ҷории ҳаёти ҷамъиятӣ, инчунин рушди минбаъдаи ҳамкории илмию мадании байни Миср ва Ӯзбекистон мебошанд.

Ба ғолибони озмуни илмӣ мукофотҳои қиматбаҳо дода мешаванд.

## МӮҲЛАТИ БУДУБОШИ ШАҲРВАНДОНИ ӮЗБЕКИСТОН БИДУНИ САБТИ НОМ ДАР ҲУДУДИ РУСИЯ АЗ 7 ТО 15 РӮЗ ДАРОЗ КАРДА ШУД

***4 июни соли 2022 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия дар бораи тартиби будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар қаламрави Федератсияи Русия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон эътибор пайдо кард. Ҳуҷҷат дар Тошканд 17 июни соли 2021 ва дар Маскав 21 майи соли 2021 имзо шудааст.***

Мутобиқи моддаи 1 Созишномаи дар боло зикршуда шаҳрвандони як тараф, ки муваққатан ба қаламрави тарафи дигар меоянд, аз ӯҳдадории бақайдгирӣ (бақайдгирӣ дар ҷои будубош) дар мақомоти салоҳиятдори давлати воридшаванда дар давоми 15 рӯз озод карда мешаванд.

Мӯҳлати будубоши муваққатӣ аз рӯзи ворид шудани шаҳрванди ҷониби як давлат ба қаламрави ҷониби дигар давлат, ки бо корти муҳоҷиратии қайди мақомоти назорати сарҳадӣ (ё қайди дахлдор дар шиносинома) ҳангоми ворид шудан ба қаламрави ҷониби дигар давлат тасдиқ шудааст, ҳисоб карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар Созишномаи мазкур дароз кардани мӯҳлати будубоши шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар қаламрави Федератсияи Русия, ки ба қайд гирифтан (бақайдгириро дар ҷои будубош) талаб намекунад, аз 7 то 15 рӯз муқаррар мекунад. Барои шаҳрвандони Федератсияи Русия, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон меоянд, ин мӯҳлат аз 3 то 15 рӯз дароз карда шуд.

**АИ «Дунё».**

# ТОШКАНД – МИЗБОНИ НИШАСТИ ВАЗИРОНИ ТАНДУРУСТӢ

***Тошканд якбора ба ду чорабинии байналмилалӣ мизбонӣ кард. Чорабинии аввал форуми “Ҳамгироии тибби анъанавӣ ба системаҳои муосири тандурустӣ” буд. Он дар иштироки вазирон ва масъулони соҳаи тандурустии кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, инчунин намояндагони муассисаҳои таълимии давлативу ғайридавлатӣ, илмию тадқиқотӣ, мутахассисони клиникаҳо, марказҳои тиббӣ ва солимгардонӣ, истеҳсолкунандагони воситаҳои дорувор ва асбобу таҷҳизоти тиббӣ ба вуқӯъ пайваст.***

Форум имкониятҳои табобати анъанавӣ ё халқӣ барои муолиҷаи беморонро ба таври васеъ баррасӣ намуд. Гуфта шуд, вақти он расидааст, ки муваффақиятҳои усули табобати халқӣ дар сохтори тибби муосир низ ба роҳ монда шавад ва бештар бемориҳои ғайрисироятиро дар канори худ қарор диҳад. Зеро мубориза бо бемориҳои онкологӣ, аз ҷумла, бемориҳои дилу саратон, диабет ва музмини шуш кори содае нест ва дар ин самт истифода аз табобати халқӣ низ самараҳои неки худро ҳатман ба бор хоҳад овард.

– Пешгирии пахши бемориҳо авлавиятҳои кори моро ташкил медиҳад ва дар ин самт мо бояд аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода намоем. Дар соҳаи саломатии репродуктивӣ ва бемориҳои бачагона истифода аз имкониятҳои табобати халқӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Такмили касби пизишкон низ аз масъалаҳои мубрами рӯз маҳсуб ёфта, ба таври лозима ба роҳ мондани он бо ҷалби мутахассисони варзида боис хоҳад шуд, ки мо дар ҳалли масъалаҳои зиёди тиббӣ даст хоҳем ёфт, – изҳор намуд вазири тандурустӣ Беҳзод Мӯсоев.

– Ин форум барои он молики аҳамият мебошад, ки майдони табодули таҷрибаро фароҳам овардааст. Мутахассисони кишварҳои аъзои СҲШ метавонанд бо истифода аз ин майдон барои татбиқи табобати анъанавӣ дар тибби муосир бидуни дудилагӣ иқдом намоянд, – гуфт вазири тандурустӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода.

Рӯзи дувум вазирони тандурустии кишварҳои аъзои СҲШ аз тариқи офлайн ва онлайн ҷамъомади панҷуми худро баргузор карданд.

Дабири кулли СҲШ Чан Мин, ки аз тариқи офлайн дар ин ҷамъомад иштирок мекард, иброз дошт, ки хидматрасонӣ дар соҳаи тандурустӣ ба беҳбуди сифатан беҳтару хубтар ниёз дорад. Ба таъкиди ӯ, ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ бояд ба марҳилаи нав бароварда шавад, зеро имкониятҳои фаровоне, ки ҳоло мавҷуданд, амалӣ намудани ин нақшаҳоро куллан имконпазир мегардонанд.

– Дар амал пиёда кардани бандҳои шартномаҳои ҳамкорие, ки байни идораҳои тандурустии кишварҳои аъзои СҲШ ба имзо расидаанд, барои доман фарох намудани ин ҳамкориҳо хеле мусоидат мекунанд, – афзуд ҷаноби Чан Мин.

Ҷамъомад масъалаи «Муттаҳид кардани кӯшишҳо барои тавсеаи дастрасӣ ба хидматрасонии босифат дар давраи пандемияи COVID-19»-ро ба таври васеъ мавриди муҳокима қарор дод. Таъкид гардид, ки пахши пандемия пизишконро дар ростои муолиҷа ба ваҳдат овард. Дар фазои СҲШ пизишкон ба кишварҳои ҳамдигар рафта, ҷиҳати муолиҷаи беморони мубталои пандемия ҳамтоёни худро аз наздик дастгирӣ намуданд.

Ба гуфтаи иштирокчиёни Ҷаласаи панҷуми вазирони тандурустии кишварҳои аъзои СҲШ дар шароите ба сар мебарем, ки сол аз сол бемориҳои онкологӣ рӯ ба афзоиш овардаанд. Барои ҳамин ба он нукта таваҷҷуҳ дод, ки масъалаи асосии пешгирӣ намудани бемориҳои онкологӣ ба бемор гузоштани ташхиси саривақтӣ мебошад.

Вазири тандурустии Федератсияи Русия Михаил Мурашко гуфт, ки ҳамчун самтҳои ояндадори ҳамкории кишвараш ва давлатҳои аъзои СҲШ вай самтҳои инноватсиониро пешниҳод мекунад.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

*Ислоҳоти васеъмиқёсе, ки бо ташаббуси роҳбари давлат дар кишоварзӣ, аз ҷумла дар соҳаи кирмакпарварӣ татбиқ гардидааст, натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад.*

# МЕҲНАТИ ФИДОКОРОНАИ КИРМАКПАРВАРОН

Имсол кирмакпарварони вилояти Сирдарё 11655 қуттӣ кирмак парвариш карданд ва он ба беш аз 1100 хоҷагии фермерӣ ё ки қариб 2200 нафар звенои оилавӣ тақсим гардид. Баъди чорабиниҳои зарурӣ ва меҳнати фидокоронаи кирмакпарварон ниҳоят ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардид.

Кирмакпарварони вилоят дар қатори дигар вилоятҳои ҷумҳурӣ 664,7 тонна пилла рӯёнданд ва нақшаро барзиёд иҷро намуданд.

Ба ин комёбиҳои кирмакпарварони ноҳияҳои Сайхунобод, Сардоба, Боёвут, Оқолтин, Мирзообод, Хавос ва ғайра саҳми арзанда гузоштанд. Ашёи хоми гаронбаҳо, ки дар натиҷаи меҳнати фидокоронаи кирмакпарварони вилоят ба даст омадааст, ба 31-умин солгарди истиқлолияти Ватанамон туҳфаи сазовор гардид.

Алҳол мутасаддиёни ҳокимияти вилоят бо занону духтарони хонакоре, ки ба парвариши тухми пилла ва ғайра машғул мебошанд, мулоқот ороста, барои рағбатноксозии онҳо чораҳо меандешанд. Фароҳам овардани шароити зарурӣ, ҳамаҷониба дастгирӣ намудани кирмакпарварон омили муҳими ҳосили босифат ва ҷамъоварии саривақтии он мегардад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

# МАҲАЛЛА – ТАКЯГОҲИ ҶАМЪИЯТ

***Маълум аст, ки моҳи майи соли ҷорӣ интихоботи раисон (оқсақолон)-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо ба поён расид. Ба ин муносибат чанде қабл Вазорати маҳалла ва дастгирии собиқадорон бо ҳамкории Сенати Олий Маҷлис нишасти матбуотӣ баргузор намуд.***

Дар асоси қарори Шӯрои Сенат "Дар бораи омодагӣ ва гузарондани интихоботи раисон (оқсақолон)-и ҷамоати шаҳрвандон» дар 9 ҳазору 349 маҳалла интихоби раисони маҳаллаҳо баргузор шуд.

Таъкид гардид, ки доир ба ташкил намудан ва гузарондани интихобот аз 90 ҳазору 760 нафар масъулон 220 комиссияи кӯмакрасон созмон дода шуд. Доир ба мазмуну моҳияти ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ 21 ҳазору 496 чорабинии тарғиботӣ баргузор шуд, ки дар онҳо беш аз 2,9 млн. нафар аҳолӣ иштирок карданд. Аз ҷониби комиссияҳои кӯмакрасон ва гурӯҳи корӣ бо назардошти фикри аҳолӣ 39 ҳазору 661 нафар, яъне ба ҳар як маҳалла беш аз 4 нафар номзад интихоб гардид.

– Ҷараёни интихобот дар асоси нақша ва талаботи қонун шаффоф сурат гирифта, 9 ҳазору 349 нафар раисони маҳаллаҳо интихоб карда шуданд. 67,1 фоизи раисон маротибаи аввал интихоб шуданд, 32,9 фоизро раисони дарамалбуда ташкил доданд. 8 ҳазору 832 нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ, 509 нафар миёнаи махсус, 8 нафарашон дорои маълумоти миёна буданд. Аз рӯйи ихтисос 33,2 фоиз омӯзгор, 14,2 фоиз иқтисоддон, 15,6 фоиз муҳандис, 6,1 фоиз агроном, 4,6 фоиз ҳуқуқшинос, 0,8 фоиз шифокор, 25,5 фоиз намояндагони дигар соҳа буданд. Синну соли раисон 40, 50, 60 ва аз онболоро нишон дод. Албатта, номзадҳо бояд шахсони рӯзгордида, соҳибтаҷриба, донишманд, маслиҳатгӯй ва фаъол бошанд. Боиси хурсандист, ки қариб 21 фоизи раисонро ҷавонони то синни 40 ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳанда дар Андиҷон 236, дар Самарқанд 219, дар Сурхондарё 204 нафарро ташкил намуд, – гуфт раиси Кумитаи Сенати Олий Маҷлис Малика Қодирҷонова.

Ӯ ҳамчунин таъкид намуд, ки агар дар соли 2019 8,9 фоизи раисонро бонувон ташкил карда бошанд, соли ҷорӣ 11,8 фоиз, яъне 1104 нафар зан раиси маҳалла интихоб шуд. Ин нишондиҳанда дар вилояти Тошканд 133, шаҳри Тошканд 130, вилоятҳои Андиҷон 123, Намангон 113, Фарғона 105 нафарро ташкил дод. Ҳар як номзад бо интихобкунандагон суҳбатҳо гузаронда, онҳоро бо барномаи таҳиякардаи худ шинос намуд.

Дар чорабинӣ коршиносони соҳа иброз намуданд, ки дар интихоби номзадҳои муносиб куҳансолони пурдида, зиёиён, ҷавонони боистеъдод фаъол иштирок намуданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**

*Дар дунё неъматҳо зиёд, вале ягон неъмат ба нон баробар шуда наметавонад. Аҷдоди мо бесабаб ба ҷавонон нисбат ба нон эҳтиром зоҳир намуданро тарғиб накардаанд. Аз давраҳои қадим одат шуда буд, ки одамон дар анбори худ ҳеҷ не ягон ҷувол гандум ё ордро барои дилпурӣ нигоҳ дошта монанд.*

# АКНУН ФЕРМЕРҲО МАҲСУЛОТАШОНРО БО НАРХИ БОЗОР ФУРӮХТА, ДАРОМАДИ МУНОСИБ МЕГИРАНД

Аз ин сабаб дар мамлакатамон ба баланд бардоштани манфиатдории моддии хоҷагиҳои фермерӣ ва кластерҳои ғаллапарварӣ, таъмини муттасили бозори дохилӣ бо гандум ва маҳсулоти орд, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳа аз ҳисоби даст кашидан аз хариди зиёда аз ҳаҷми барои эҳтиёҷоти давлатӣ зарур эътибори калон дода мешавад.

Қарори Президент аз 28 майи соли ҷорӣ «Дар бораи чораҳои иловагии ҷорӣ намудани тамоюли бозаргонӣ дар парвариш ва фурӯши ғалла» ҳуҷҷати муҳиме қарор гирифт, ки ба ҷорӣ сохтани тамоюли бозор дар парваришу фурӯши ғалла нигаронида шудааст.

Бо ин ҳуҷҷат нархи як тонна гандум, ки барои захираи давлатӣ харида мешавад, пештар 1 миллиону 550 ҳазор сӯм бошад, ҳоло 3 миллион сӯм муайян карда шуд, ки ду баробар зиёд аст.

Дар моҳҳои июл-август аз нархи гандуми биржа баромада омада, дар моҳи сентябр он аз нав ҳисобу китоб карда мешавад. Аниқтар ифода намоем, агар нархи биржавии гандум ба ҳисоби миёна 3,7 миллион сӯм гардад, ба истеҳсолгарони гандум ба ҳар тонна боз 700 ҳазор сӯмӣ пардохта мешавад. Ба ин восита деҳқон, фермер ва кластерҳо маҳсулоти парваришкардаашонро бо нархи бозор фурӯхта, ба меҳнаташон муносиб даромад мегиранд.

Ҷиҳати эътиборнок он аст, ки аз ҳосили соли 2022 аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 2,5 тонна, ҷамъ 2550 ҳазор тонна гандуме, ки дар майдонҳои обёришаванда рӯёнда шудааст, 1783,5 ҳазор тоннааш ба сифати захираи давлатии донии молӣ, ҳамчунин 266,5 ҳазор тоннаи он ба сифати тухмӣ аз ҳисоби маблағи Бунёди дастгирии давлатии хоҷагии қишлоқи назди Вазорати молия харид карда мешавад.

Айни замон 500 ҳазор тоннаи он аз ҷониби хоҷагиҳои фермерӣ ва дигар истеҳсолгарони ғалла баъдтар барои фурӯш дар биржа таҳти вакилии тиҷоратии бунёд барои нигоҳдории муваққатӣ қабул карда мешавад. Тавре дар қарор муайян шудааст, барои ҳосили соли равон корхонаҳои сохтори ШС «Ӯздонмаҳсулот» аз номи бунёд ҷиҳати ба амал баровардани аз истеҳсолгар харидан, нигоҳ доштан, айни замон ба харидорон фиристодани маҳсулоти гандум вакили тиҷоратӣ ҳисоб меёбад.

Имрӯзҳо дар майдонҳои ғаллаи ҳамаи ҳудудҳои диёрамон ғунучини ҳосил авҷ гирифтааст. Саъй меравад мавсими дарав аз ҳарсола даҳ рӯз кӯтоҳтар бошад, барои ин миқдори комбайнҳо афзудааст. Дар натиҷа самараи меҳнатӣ дар муддати кӯтоҳ ба чашм мерасад, анборҳо пури дон мегарданд.

Айни замон мавҷудияти захираҳои даркории маҳсулот эҳсос мегардад. Зеро ба бозори дохилӣ ҳар моҳ ба ҳисоби миёна дар атрофи 130 ҳазор тонна орд бароварда шавад, барилова зиёда аз 50 ҳазор тонна захира офарида шудааст. Дар ҳолати зарурӣ барои қонеъ гардондани талаботи бозор ин орд ба фурӯш бароварда мешавад.

Хуллас, қарори зикршуда бо он ки ба нархи ҳақиқии бозор фурӯхта шудани гандум ва маҳсулоти орд нигаронида шудааст, хеле аҳамиятнок аст. Зимнан, ғалладона яке аз маҳсулоти асосии истеъмолӣ буда, ҳосили зиёд ба даст ояд, истеҳсоли дон меафзояд, озуқаворӣ арзон мегардад.

**Одинахон**
**ОТАХОНОВА,**
**узви Кумитаи**
**масъалаҳои аграрӣ ва**
**хоҷагии оби**
**Палатаи қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

# ИСТИФОДАИ ЭНЕРГИЯИ БАРҚАРОРШАВАНДА – МАСЪАЛАИ МОЛИКИ АҲАМИЯТИ УМУМИМИЛЛӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Тавре ки ҳисобу китоб нишон медиҳад, Ӯзбекистон соле ба миқдори 10 миллиард доллар электроэнергия ва газ истеъмол менамояд. Барои мисол, соли гузашта аз маблағи буҷа Вазорати хоҷагии об барои захираҳои энергия 3 триллион сӯм, низоми маорифи халқ ва тандурустӣ 200 миллиард сӯмӣ харҷ намуданд.

Президент таъкид кард, ки фурсати оғоз намудани гузарондани тамоми вазорат ва идораҳо, ҳокимият ва маҳаллаҳо ба энергетикаи муқобил фаро расидааст.

Бинобар ин ба Вазорати молия муқаррар намудани меъёрҳои истмеъмоли энергия дар мақомоти давлатӣ, таҳияи Барномаи миллии сарфаи энергетика дар соҳаи иқтисодиёт ва объектҳои соҳаи иҷтимоӣ супурда шуд.

Таъкид шуд, ки бо назардошти афзудани талабот ба дастгоҳҳои энергетикаи муқобил истеҳсоли онро дар мамлакат афзудан лозим аст.

Боз як манбаи муҳими энергия неругоҳҳои барқи обӣ мебошад. Барои афзоиши иқтидорҳои истеҳсоли энергия дар минтақаҳо қитъаҳое барои сохтмони НБО-и микро ва хурд муайян карда шудаанд, ҳамагӣ 200 чунин лоиҳа бо иқтидори умумии таъмини 56 мегаватт таҳия гаштааст.

Роҳбари далат ногузирии татбиқи лоиҳаҳоро дар асоси шарикии давлативу хусусӣ таъкид кард. Ҳамзамон барои соҳибкорон тарифи нархҳои ҷолиби харид муқаррар гардида, замин ба ғолибони аукцион ба муддати дароз ба иҷора дода мешавад. Электроэнергияи зиёдатие, ки дар нерӯгоҳҳои офтобӣ, шамолӣ ва микро НБО истеҳсол мегардад, ба таври кафолатнок аз тарафи давлат дар муддати на камтар аз 10 сол харид карда мешавад.

Соҳибкороне, ки дар ҷамъомад баромад карданд, аз таҷрибаи мусбии худ нақл намуданд, роҳбарони масъул нақшаҳои худро доир ба таъмини иҷрои вазифаҳои гузошташуда боҳам диданд.

**ӮзА.**

*Ба наздикӣ дар фурудгоҳи байналхалқии Тошканд ба номи Ислом Каримов амалиёти тактикии махсуси соҳаҳои хидмат баргузор шуд.*

*Корҳои наҷотдиҳӣ дар вазъиятҳои фавқулодда бо иштироки ходимони роҳи ҳавоӣ намоиш дода шуд.*

*Ба машқ ходимони тиб, оташнишонҳо ва дигар хидматҳои наҷотдиҳанда ҷалб карда шуданд. Ҳамаи ҳаракатҳо дақиқу эҳтиёткорона буданд. Зеро роҳи ҳавоӣ хатои ҷузъиро намебахшад.*

*Чунин машқҳо, ҳангоми вазъиятҳои фавқулодда ба кам шудани талафоти моливу ҷонӣ мусоидат менамояд.*



***Дар акс:** ҷараёни машқ дар фурудгоҳ.*

***Аксбардор: Р. ГАЛИЕВ.***

# ТОШКАНД – МИЗБОНИ НИШАСТИ ВАЗИРОНИ ТАНДУРУСТӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Инҳо радиофармасевтика барои ташхис ва табобати бемориҳои онкологӣ ва ғайрионкологӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави тибби ҳастаӣ, аз ҷумла истеҳсоли муштараки таҷҳизоти вазнини ташхисӣ ва табобатӣ. Дар ин замина Федератсияи Русия омода аст, ки дар соҳаи таъминот ва татбиқи технологияҳои истифодаи радиофармасевтика бо кишварҳои узви СҲШ ҳамкорӣ кунад, – изҳор кард Мурашко.

Аз соли 2015 Маркази миллии тадқиқотии тиббии радиология дар шаҳри Маскав барои амалиёти брахитерапияи камқувват аз микроманбаъҳои ватанӣ бо йод-131 истифода мекунад. Истеҳсоли он 100 фоиз бо ашёи хоми Русия сурат гирифтааст.

Ба таъкиди М.Мурашко Русия дар давоми як соли охир сарфи назар аз бемории сироятӣ, системаи ёрии онкологиро ба беморон хеле тағир додааст ва тавонистааст, ки сатҳи фавтро аз ин бемориҳои вазнин ба беш аз 3,5 фоиз коҳиш диҳад, ки ин муваффақияти хеле бузурги пизишкони кишвараш мебошад.

Ҷамъомад баъди муҳокимарониҳо лоиҳаи "Харитаи роҳ"-ро қабул кард. Дар фарҷоми ҷамъомад Протоколи Ҷаласаи панҷуми вазирони тандурустии кишварҳои узви СҲШ ба имзо расид.

Ногуфта намонад, ки дар пасманзари ин ҷаласаи вазирони кишварҳои аъзои СҲШ вазири тандурустии Ӯзбекистон Беҳзод Мӯсоев бо вазири тандурустӣ ва ҳимояи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустии Федератсияи Русия Михаил Мурашко дидору мулоқотҳои корӣ анҷом дод.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

## ХАБАРҲО

### ҲИСОБОТИ ШТАБИ ҶУМҲУРИЯВӢ

***Бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқавории бехавф тамоми дунё ба муаммоҳо дучор меояд, ки ин ба аксарият сир нест. Дар ҷумҳурии мо низ оиди беталаф ғундоштани ҳосили ғалла ва масъалаҳои марбут ба фурӯши маҳсулоти донӣ чораҳо андешида мешаванд.***

Бинобар қабул кардани ҳосили гандум ва фурӯши он тавассути биржа, таъмини аҳолӣ бо озуқавории бехавф, аз нигоҳи иқтисодӣ дастгирӣ намудани истеҳсолгарони ғалла дар шароити нав механизмҳои нави бозаргонӣ ҷорӣ мегарданд.

Доир ба масъалаи мазкур дар Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ брифинг баргузор ва дар он корҳое,ки аз ҷониби Штаби ҷумҳуриявӣ оиди таъмин сохтани шаффофӣ ва адолатнокии таъмини пуштбонии моддии истеҳсолгарони ғалла, пешгирии ҳолати баландшавии нарх ва камчинии озуқаворӣ ба иҷро расонда мешаванд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Таъкид ёфт вазифаи асосии штаб гузоштани саҳм ҷиҳати сарпурсозии бозорҳои дохилӣ бо гандум ва маҳсулоти донӣ, таъмини равобити шаффофонаи истеҳсолгарони ғалла, корхонаҳои коркарди дон ва фурӯши маҳсулот дар савдои биржа мебошад. Имрӯзҳо наздик чоруним ҳазор корхона фаъолият мебаранд, ки ба истеҳсоли нони қолабӣ (буханка) махсусонида шудаанд. Барои муташаккилона пеш бурдани кор 2137 нафар масъул гардидаанд, ки намояндагони идораҳои гуногун мебошанд. Барои он ки корҳои назоратиро дар ин самт пурзӯр гардонанд, 378 нафар мансабдорон расман огоҳ карда шудаанд, гуфта шуд дар чорабинӣ.

### ҚАБУЛ БА МАКТАБҲОИ ПРЕЗИДЕНТӢ ОҒОЗ ЁФТ

***Ба мактабҳои президентии ҷумҳурӣ аз 1 июни соли равон ҷараёни қабул оғоз ёфт. Дар ин бора Агентии муассисаҳои таълимии президентӣ маълум намудааст.***

Ҳуҷҷатсупорӣ ба тарзи онлайн то 20 июни соли равон давом мекунад.

Ҳаминро низ илова кардаием, дар соли хониши 2022-23 фаъолияти 168 муассисаи нави таълимии махсусонидашуда ба роҳ гузошта хоҳад шуд. Аз онҳо 23 мактаб-интернат буда, донишандӯзон танҳо рӯзҳои истироҳат ба хонаашон мераванд. Дар 145 муассисаи таълимии боқимонда рӯзона рафта мехонанд ва аз оила ҷудо намешаванд.

Агентии муассисаҳои таълимии президентӣ дар нуқтаҳои иҷтимоӣ саҳифаҳо кушода ва таҳти рукни "Мутахассис ҷавоб медиҳад" ба суолҳое, ки пайдо шудаанд, ҷавоб гардонданаш мумкин.

### ҶАШНВОРАИ МАҚОМ ДАР ЧИЛОНЗОР

***Қарори роҳбари давлат дар бораи чораҳои боз ҳам ривоҷ додани санъати мақоми миллӣ ба имзо расида ва худи Президент дар яке аз баромадҳояш гуфта буд, мо бояд санъати мақомро, ки мероси нодири аҷдод аст, нафақат дар диёрамон, балки дар тамоми дунё тарғиб созем.***

Гузаронидани озмун ва ҷашнвораҳои мақом дар диёрамон, ба ҳукми анъана даромадааст.

Ба ҷашнвораи навбатии мақом ноҳияи Чилонзори пойтахт мизбонӣ кард. Дар бораи чӣ тавр пайдо шудани ин санъат, нақши он дар фарҳанги миллии халқҳое, ки Шашмақом барояшон бегона нест, маърӯзаҳо хонда шуданд. Чеҳраҳои намоёни ҳунар ва сарояндагони ҷавон аз "Шашмақом", ки мероси бузурги мусиқӣ аз аҷдод аст, намунаҳо ба иҷро расонданд. Чорабинӣ дар доираи "Воҳӯрии се авлод" ба иштирокдорон, хусусан дилбастагони мусиқӣ таассуроти хуб гузошт.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

### ҲАРАКАТИ ҚАТОРҲОИ «ДУШАНБЕ — ТОШКАНД» ПАС АЗ 30 СОЛИ ТАНАФФУС АЗ НАВ БАРҚАРОР МЕГАРДАД

***Аз 20 июни соли ҷорӣ ҳаракати қаторҳои мусофирбар дар хатсайри «Душанбе — Тошканд» барқарор мешавад.***

Поездҳо байни пойтахтҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон ҳафтае як маротиба ҳаракат хоҳанд кард.

Онҳо аз 10 вагон — хоб, чор купедор, вагон-тарабхона, чор вагони гуногуни дорои ҷойҳои нишаст иборатанд. Мусофирон аз Душанбе ба Тошканд дар зарфи 21 соат мерасанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳаракати нақлиёт дар аввалҳои солҳои 90-ум қатъ шуда буд.

**ӮзА.**

# ЗОМИН САЙЁҲОНРО СӮИ ХУД МЕКАШАД

Маҷмааи "Майдони хотира" дар маркази маъмурии ноҳия – Зомин воқеъ гаштааст. Вақте ба ин ҷо расидем, офтоб болои сар шӯълапошӣ менамуд, аммо насими форам ин гармии офтобро барҳам мезад. Ҳама ба назди пояи муҷассамаи модар омадем ва зери он гулчанбар гузоштем.

Дар ин ҷо беихтиёр варақҳои китоби оҳанини пешайвони ду тарафи маҷмааи "Майдони хотира"-ро рӯйгардон мекунем. Мебинем, ки дар ҳар сафҳаи он исму насаби ҷанговарони зоминӣ ва мухтасари шарҳи ҳоли онҳо бо хати заррин сабт ёфтааст. Аксарияти онҳо дар ҷанги зидди фашизм ҷони худро нисор кардаанд.

Дар як тарафи ин маҷмаа чойхонаеро барои мӯйсафедони барнодил бунёд кардаанд. Рӯзе, ки мо аз ноҳияи Зомин боздид мекардем, як гурӯҳ мӯйсафедон чанд кат ва мизу курсиҳоро ишғол карда, нони чошт тановул мекарданд.

– Инҳоро бинед, ки чӣ гуна вақти худро хушу гуворо мегузаронанд. Албатта, онҳо ба ин гуна истироҳат ҳақ доранд, чунки солҳои дароз меҳнати сахту машаққатнокро пушти сар намудаанд, – эҳсоси хушҳолии худро пинҳон дошта натавонист раиси Иттиҳодияи эҷодии журналистон Олимҷон Ӯсаров.

– Дар вилояти мо чунин чорабиниҳо зуд-зуд баргузор мегарданд. Имрӯзҳо шароити иқтисодӣ куллан мусоидат мекунад, ки ба собиқадорони меҳнат эҳтироми бештар гузошта шаванд. Ин қадршиносиҳо мувофиқи Барномаи давлатии Соли гиромидошти инсон ва маҳаллаи фаъол боз бештар доман фарох кардааст,– мегӯяд ҳокими ноҳияи Зомин Алишер Абдуғаниев.

Дарвоқеъ, панҷ сол муқаддам ба ноҳия омада будам. Ин бор куллан Зомини дигарро кашф намудам. Симои он дар ин муддати кӯтоҳ хеле тағйир ёфтааст. Кӯчаву хиёбонҳои зебо, роҳҳои равону васеи мошингард, роҳравҳои пиёдаҳо, дарахтони пурсабз, иморату иншооти гуногун ва амсоли он ҳусну шукӯҳи шаҳри наву замонавиро боз ҳам бештар афзудаанд.

Раиси шуъбаи вилоятии Иттиҳодияи журналистон Эркин Шерманов ташреҳ намуд, ки дар ин шаҳристон Раисҷумҳури Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев зодаву парварда шудааст.

– Президент ана дар ҳамин ҳавлӣ давраи кӯдакиву наврасии худро сипарӣ кардаанд. Баъд бо мурури замон барои таҳсил ба Тошканд рафтаанд. Соли 1981 таҳсилро дар Донишкадаи ирригатсия ва муҳандисони механизатсиякунонии хоҷагии қишлоқ ба анҷом расонидаанд. То ишғоли мақоми нахуствазир ва пирӯзӣ дар интихоботи раисҷумҳур дар шаҳру вилоятҳои гуногун ифои вазифа намудаанд. Ин ҳавлӣ ҳанӯз ба сифати ҳавлии як духтури оддии ноҳия ба мерос боқӣ мондааст ва кас гумон намекунад, ки ин ҳавлии падари Президенти мамлакат аст,– изҳор намуд Эркин Шерманов.

Ҳавлӣ дар яке аз кӯчаҳои асосии маркази ноҳия воқеъ гашта, аз шаҳомат орӣ менамуд. Дарвозааш ҳам аз дарвозаҳои мардуми дигар фарқ намекард.

Вақте мо ба самти дараи "Боғи миллии табиат"-и Зомин роҳ пеш гирифтем, ҳавои берун рафта-рафта серунтар мешуд.

То дарвозаи "Боғи миллии табиат" дар ду тарафи роҳ меҳмонхонаҳо ва хостели зиёди оилавӣ бунёд кардаанд. Ҳатто дар яке аз ин меҳмонхонаҳо барои мо пухтани қурутоб ва чалпакеро намоиш доданд, ки хоси мардуми ин минтақа маҳсуб меёбад. Маълум шуд, ки баъди хӯрдани чунин чалпак мазаи он дар даҳон вақти дароз боқӣ мемонад. Ғайр аз ин, ҷараёни пухтани нони чуқури дегиро назора кардем.

Вақте ки нон пухта шуд, як коса равғани зардро ба рӯи ин нони чуқур андохтанд. Баъди чанд лаҳза ин равған об шуд ва мизбонон аз мо даъват карданд, ки мувофиқи хостаамон як лаби нони гармро шикаста, ба равған тар карда хӯрем.

– Мо ҳар рӯз мувофиқи дархости меҳмонони худ масолеҳ, нону ҷурғот тайёр мекунем. Имрӯз лозим меояд, ки ҳудуди 25 нони дегӣ пазем ва аз чалпакҳое, ки шумоён низ истеъмол кардед, то 75-80 дона тайёр кунем. Амри муҳол аст, ки чунин нону чалпакҳоро одамон дар берун аз минтақаи кӯҳии Зомин пайдо кунанд. Ин маъниро ҳар як меҳмони ин меҳмонхонаамон тасдиқ мекунад, – мегӯяд Руқияхон Шоузоқова.

Нони дегӣ танҳо бо оташи ҳезуми себ ё зардолу пухта мешудааст. Хамири он ним соат дам меҳӯрдааст ва баъд онро рост кардаву дар дег бо усули хос мепухтаанд.

Дар ду соҳили оби равони рӯди кӯҳӣ, ки аз байни рустои Тоғтерак ба поён ҷорӣ мешавад, катҳои зиёд гузошта шудаанд, ки рӯзмарра ҷои дамгириву истироҳати одамон маҳсуб меёбад. Шароит фароҳам оварда шудааст, ки муштариён баъди хӯрдани хӯрок ва сайру тамошо дар хонаҳои он ҷо бо фароғат истироҳат кунанд.

Роҳбалад ишора кард, ки мо бояд сафари худро давом диҳем. Вақте ки ба яке аз меҳмонхонаҳои шафати осоишгоҳи "Зомин" расидем:

– Дар ин меҳмонхона анҷомҳои худро гузоред ва ҳама ба тамошои талу теппаҳои атроф мебароем. То фаромадани шом аз ин манзараҳои биҳиштӣ баҳраманд мешавед. Ҳавои кӯҳистони ин ҷоро бисёриҳо ҳавас мекунанд. Нӯшидани оби зулоли он ба ҷони кас марҳам мебахшад. Шумо рафта бо гӯшҳои худ садои шарроси шаршараро низ хоҳед шунид, – гуфт роҳбалад Нодир Нурматов ва афзуд, ки агар аз вақту фурсат босамар истифода барем, ба манфиати худи мост.

Маълум шуд, ки то сарҳади Тоҷикистон масофа тамоман наздик мондааст ва дар яке аз баландиҳо суфаи хос сохтаанд, ки аз болои он чаҳор самтро чун кафи даст метавон назора кард. Ростӣ, манзараҳо бештар аз ҳарфҳои роҳбалад ҷолибтару дилписанд менамуданд. Бӯи арчаҳои атроф нафаскаширо сабук мегардонид. Барои ҳамин шахсоне, ки ба бемории диққи нафас гирифторанд, талош мекардаанд, ки маҳз ба ин минтақа сафар кунанд.

– Солона ҳазорҳо нафар шаҳрвандони кишварамон, инчунин аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон низ одамони зиёд барои барқарор кардани саломатии худ, фароғат ба ин гӯшаи биҳиштосо меоянд. Санаторияи "Зомин" дар даврони шӯравӣ бо амри Шароф Рашидов сохта шудааст. Ҳоло барои ба ин ҷо омадану саломатии худро барқарор намудан одамон моҳҳо навбат мепоянд, – тазаккур дод Эркин Шерманов.

Маълум шуд, ки мо, журналистон дар як шабонарӯз наметавонем аз тамоми имкониятҳо истифода кунем. Зеро ҳадди ақал 10-12 рӯз лозим аст, ки кас аз бӯи муаттари арчаҳои сарсабзу хуррам ва гиёҳҳои худрӯй баҳраманд шавад ва беҳбуди саломатиашро эҳсос намояд. Гузашта аз ин, имкон низ мавҷуд будааст, ки ягон ҳавлии сокинони маҳаллӣ ё меҳмонхонаи оилавии қисмати поёнро ба иҷора гирифт ва барои муолиҷа худро ба анбӯҳи арчаҳову рустанӣ ва гиёҳҳо расонд.

Ногуфта намонад, ки истеъмоли гиёҳҳои ин минтақа барои инсон фоидаи калон дорад. Ӯзбекистон боз чандин минтақае дорад, ки дар он имкони ривоҷи экотуризм мавҷуд. Дар вилояти Ҷиззах ноҳияи Зомин ба сифати минтақаи экотуристӣ муаррифӣ шудааст.

Ноиби ҳокими вилоят оид ба туризм, фарҳанг, мероси фарҳангӣ ва коммуникатсияҳои оммавӣ Синдор Раҳмонқулов лоиҳаеро муаррифӣ намуд, ки имкониятҳои рушди сайёҳӣ дар ноҳияи Зоминро фаро гирифтааст.

– Ин лоиҳа масоҳати бештар аз 2 ҳазор гектарро ишғол хоҳад кард. Дар он истгоҳи мошин, роҳи таноби, се меҳмонхона ва коммуникатсияҳои дигар сохта хоҳанд шуд. Аммо анҷоми корҳои сохтмонӣ ба вазъияти экологии ин ҷо ягон халал ворид намекунад, – изҳор намуд Синдор Раҳмонқулов.

Ногуфта намонад, ки "Ҷиззахи нав – аз нигоҳи хабарнигорон" лоиҳае буд, ки бо ташаббуси Иттиҳодияи эҷодии журналистон ва ҳокимияти вилояти Ҷиззах таҳти татбиқ қарор гирифт ва хеле хубу хотирмон сипарӣ гардид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**
*ҶИЗЗАХ – ЗОМИН – ТОШКАНД.*

*Раҳовард*

# САФАР КАРДАН – ҶАҲОН ДИДАН

***Орзуи Пскоми афсонавиро дидан кайҳо боз дар дилам пайдо шудо буд. Муҳимаш, сафар кардан – ҷаҳон дидан аст. Ба мақоли «аввал ҳамроҳ, баъд роҳ» амал намуда аз ҳамсафарам Нормурод Каримзода пурсидам, ки ҳамсафарони мо киҳо ҳастанд.***

***– Шояд шумо хабардоред, ки мо китоберо доир ба таърих, урфу одат ва одамони сарбаланди Пском тайёр кардем, – афзуд мусоҳибам. – Дар мактаби ин деҳа тақдимоти ин китоб баргузор мегардад ва навиди дигар ҳам аст.***

***Барои он ки дер намонам, то бонги хурӯс чашм аз мили соат накандам. Ва субҳи барвақт, ки файзи бомдод касро хушҳол ва бардаму ҳушёр мекунад, ба роҳ баромадем. Шаҳр оҳиста аз хоб бедор мешуду дар роҳҳо нақлиёт кам буд, ки ба мавзеи Чӯпонато расида, дарёи ҳаётбахши Зарафшони зарнисорро убур кардем.***

***Воқеан, кас ҳар қадар солхӯрда шавад, вақт ӯро бештар «мехӯрад». Ба ин маънӣ устод Абдураҳмони Ҷомӣ чӣ хуш гуфтааст:***

***Вақтро гуфтан теғи буррон,***
***Ки бувад бе таваққуфе гузарон.***
***Ҳар куҷо тез бигзарад он теғ,***
***Во нагардад ба вой-вою дареғ.***
***Гарчи бошад гузаштанаш нафасе,***
***Лек таъсири ӯ қавист басе...***

***Боз пойбанди андеша шудем, ки дар тӯли солҳову асрҳо чӣ қадар мардум аз болои дарё гузаштаанд, ки барои яке нахустин буду барои дигаре вопасин.***

### Суҳбати дӯст – ғанимат

– То манзил беш аз 500 километр роҳ аст, – ба атроф назар афканда лаб ба сухан кушод Нормурод. – Дар тӯли 50 сол ба Пскоми пуршукӯҳ бисёр рафтуо кардам, ки фароғат дошту ҳам ранҷу азоб. Бовар кунед, ҳар қадар ба диёри афсонавии ҳамешабаҳори мардумаш меҳмоннавоз наздик шавам, вуҷудамро ҳиссиёти аҷибе фаро гирифта, табъам болида мегардад.

– «Пском» чӣ маъно дорад? – пурсидам аз ӯ.

– Доир ба мазмуни калимаи «Пском» фикрҳои мухталиф мавҷуданд, – гуфт роҳбаладӣ мо. – Решаи «ком» ба забонҳои ҳинду аврупоӣ «канал», «канал – дарё», «кофтан», "чуқур кандан"-ро дорад. Ҳангоми суҳбат бо мӯйсафедони деҳа онҳо таъкид мекарданд, ки «Пском" аввал "Бистком» буда, «бист» шумораи тоҷикӣ аст. Агар шохобчаҳои рӯду рӯдаки Пскомро як-як рақамгузорӣ намоем, ададаш расо бист мешавад. Баъзеҳо даъво мекунанд, ки маънои дигари «Пском», «Пастком» аст. Чунин тахмин ҳам аз ҳақиқат дур нест. Зеро дарёчаи деҳа дар чуқурии тахминан 100-150 метр ҷорист. Боз як гумони халқи таҳҷоӣ аз он, ки дар оғози асри гузашта геологҳои рус аз дараҳои гирду атроф маъдани мисро ёфтаанд ва шояд ба ин хотир мафҳуми «мискон» пайдо шуда, бо гузашти айём «Пском» гардидааст. Лекин ба назари мо калимаи «Бистком» ба ҳақиқат наздиктар мебошад.

Саргарми суҳбат чӣ тавр ба остонаи Тошканд расидем, худ нафаҳмидем.

– Нахуст ба ҳокими вилоят Зоир Мирзоев китоби «Шукӯҳи Пском»-ро пешкаш кардан лозим, – амр дод Фарҳод Аҳмадҷонов. – Дар бораи ташрифи ӯ ба ин деҳа гузориши журналисти ҷавон Ситора Раҳмонбердӣ ҷойгир шудааст.

Вале дар шаҳраки Нурафшон ҳокимро пайдо кардан ба мо муяссар нагардид. Дар ҳокимият гуфтанд, ки ӯ ба қабули сайёр рафтааст. Як нусха китобро ба ёрдамчиаш супорида, рӯ ба ҷониби ноҳияи Бӯстонлиқ овардем. Дар даромадгоҳи шаҳри Ғазалкент як гурӯҳ дӯстони Каримзода моро пешвоз гирифта, то мактаби рақами 2-юм омаданд. Таълимгоҳ ба таълими информатика ва ахбори технологӣ ихтисосонида шуда, толибилмон ба қабули меҳмонони самарқандӣ тайёрӣ дидаанд, ки ҳатто роҳкӯфта будани худро фаромӯш кардем. Дар толори хушҳаво, равшан ва идона базму суруд табъи моро болида сохт.

Фарҳод Аҳмадҷонов ба Турдибой Эсонбоев ва Рӯзимат Исмоилов гувоҳномаи узвият ба Академияи фанҳои «Тӯрон»-ро зери кафкӯбии ҳозирон супурд. Хурсанду хушҳол боз ба ҷониби Пском рӯй овардем.

Ҳамагӣ ним санг масофаро тай накарда, аз болои пули оҳанин гузаштему бо роҳи морпечи мумфаршу равон ҷониби боло пеш рафтем, ки пеши назар кӯли калони каб-кабуд ҷилвагар шуд. Дар кӯл завраққҳои гуногун мисли ғозҳо аз як самт ба самти дигар метохтанд. Болои сарамон арчазор ва бинои муҳташам ба назар мерасид.

Ҳар қадар боло мерафтем, ҳусну латофати атроф зеботар мешуд, ки гӯё худро дар канори биҳишт тасаввур мекардем. Фарозу нишеби саросар сабз ва пур аз гулу гиёҳ, ағбаҳои ҷангалзор, дар поён дарёи шӯху беқарор ва болои сар қуллаҳои барфпӯш диққати касро ба худ мекашид.

– Ҳо ана он ҷо Бурҷимулло ном дорад, – бо ангушти ишоратӣ диққати моро ба худ кашид Каримзода. – Макони шахсони маърифатпарвару пешвоёни дин Боғистон бошад, дохилтар ва ватани Шайх Умари Валӣ, Шайх Хованди Таҳур ва Хоҷа Аҳрори Валӣ аст, ки дар зодгоҳи шумо манзили охират гирифтаанд.

Раҳораҳ мо доир ба деҳаҳои Нанай, Сиҷҷак, Полвонак, Майдонтол, Тепар, Бодаксой, Яхдон, Тӯла ва ғайра соҳиби маълумотҳои аҷиб шудем.

Аз гардише ба гардише манзара тағйир меёфт ва тамошобинро маҳлиё месохт. Мо, ки бори нахуст ин ҷоро медидем, ҳусну таровати атрофро бо Оҳалику Миронқул, Оқсою Илонсой ва дигар мавзеъҳои атрофи Самарқанд муқоиса карда, ба мардумаш аҳсант мегуфтем, ки табиатро эҳё мекунанд. Мо, самарқандиҳо аз боздиди табиати зебо курта-курта гӯшт мегирифтем. Охир бӯйи хуши гулу гиёҳи атроф, садои оби дарё, хониши паррандагон бас аҷиб буд.

Лаб-лаби дарё ба ҷое расидем, ки техникаи бешумор ҷамъ омада, мардум дар тангҷо бо сарбанди истгоҳи барқи обии Пском машғуланд. Роҳбаладӣ нави мо марди таҳҷоӣ Иброҳим Маҷидов гуфт, ки истгоҳи барқи обӣ боз дар дигар минтақаҳои тангҷои дарё бунёд хоҳад шуд.

### Дӯст ояд гарм дар оғӯш гир...

Офтоб доман меғундошт, ки ба деҳаи Пском расидем. Каримзода ҳамчун шахси роҳбалад хост, ки ҳамроҳони худро шиносонад, вале зарурат пеш наомад. Мизбонон аксари меҳмононро тавассути рӯзномаи «Овози тоҷик» ва китобҳояшон хуб мешинохтаанд. Шояд аз ҳамин сабаб онҳо ба расми хуби тоҷикон амал карда, моро дӯствор дар оғӯш кашиданд. Дар хонадони додари Турдибой Эсонбоев – Ҳусниддин суҳбати ғайримуқаррарӣ сурат гирифт, ки то дили шаб идома ёфт. Деги сӯҳбате ба ҷӯш даромад, ки ҳозирон сухане аз боби адабиёту санъат, навидҳои Самарқанд кунҷковона пурсон мешуданд. Шоири давра, дӯсти ғазалсароям Нормурод ба нишаст ҳусни тоза бахшида, чанд мисраъ аз шеъри «Хумори Пском» қироат намуд:

*Аё Пскоми нурполову*
*рӯҳафзову ҳуснобод,*
*Маро ёди ҷавониам ба сӯят*
*мекунад фарёд.*
*Ту он афсонпардози шаби*
*танҳоиям ҳастӣ,*
*Ту он кӯҳи баланду рӯди*
*пуртуғёну сармастӣ...*

### Субҳ ба хайр!

Посе аз шаб гузашта буд, ки Иброҳим Маҷидов чанд нафар меҳмононро ба хонаи додараш Мамадолим бурд, ки дар он ҷо хоб карда, пагоҳирӯзӣ рост ба мактаби рақами 45-уми деҳа равему дар тадбири «Занги охирин» ширкат варзем. Аҷибаш дар он буд, ки соҳибхона апаи Матлуба аз омадани меҳмонон хабардор шуда, дасторхони пурфайз оросста буд.

Субҳи рӯзи дигар, ки хуршеди оламгир домани сарди кӯҳсори сарсафеду ағбаҳои сабзро навозишомез ба гарм кардан пардохт, таронаи хуши мурғони саҳархез аз хоб бедор кард. Ба лаби ҷӯйбор рафта, бо оби шаффоф дастурӯ шустем.

Лекин вақти нонушто ғайр аз қурутоба ва қаймоқи серғизо дигар ҳеч чиз хӯрда натавонистем.

Бинои дуошёнаи хушсохти мактаб дар маркази деҳа ҷойгир буд. Дар саҳни он аллакай падару модарон, муаллиму толибилмон интизори меҳмонон буданд. Қариб ҳама дар даст гулдастаҳои тару тоза доштанд. Алалхусус, барои 14 нафар хатмкунандагон лаҳзаҳои фараҳбахш буд. «Паррончак»-ҳо аз он шоду масрур буданд, ки баъди имтиҳонҳои давлатӣ номаи камол мегиранду ба мактабҳои олӣ дохил хоҳанд шуд.

Зеро ҷавонӣ – ин ҷасорат, орзу, ният, оғози истиқболи нақшаҳои оянда. Баъди он, ки ҷонишини директор оид ба корҳои таълим Шоазим Ӯрмонов меҳмонону мизбононро хайра мақдам гуфт, мадҳияи кишвари соҳибистиқлол танинандоз гашт.

Бояд қайд намуд, ки бинои мактаб соли 1988 бо кумаку ташаббуси собиқ раиси комиҷроияи вилояти Тошканд Пӯлод Абдураҳмонов бунёд шудааст. Мардуми Пском аз хизмати беминнати ин ҳамдиёри мо сипосгузоранд.

Сад афсӯс, ки мактаб барои беш аз 400 нафар хонанда пешбинӣ шуда бошад ҳам, имрӯз дар ин боргоҳи таълим ҳамагӣ 130 нафар тарбия мегиранд. Ба онҳо 20 нафар омӯзгорон сабақ медиҳанд.

### Дар суҳбати пири доно

Вақте ки шахси аз ҳама куҳансоли деҳа Қурбонбой Файзиеви қариб 90-сола риштаи суханро гирифт, бори дигар боварӣ ҳосил намудем, ки барҳақ лаби пир бо панд нақӯтар аст. Беихтиёр шоҳбайти Хоҷа Ҳофиз ба хотир расид:

*Насиҳат гӯш кун, ҷоно,*
*ки аз ҷон дӯсттар доранд,*
*Ҷавонони саодатманд панди*
*пири доноро.*

Мӯйсафеди барнодил ба синни муборакаи хеш нигоҳ накарда қоматаш рост, нутқаш бурро, нигоҳаш тез, ҳофизааш қавӣ буд, ки саргузаштҳои аҷибе гуфт. Кадоме аз ҳамнишинам аз ҳайратам рамуз гирифта пичиррос зад, ки ӯ бо фарзандону наберагон чашми баҳор накафида то танги тирамоҳ бехи дарахтонро нарм месозад, заминро кишт мекунад, полизӣ мекорад ва ҳосилашро меғундорад.

– Фаҳмидам, ки шумо хабарнигори рӯзномаи дӯстдоштаи мо – «Овози тоҷик» ҳастед, – ҷиддӣ сӯям нигарист мӯйсафед. – Боварӣ дорам, ки табиати зебои Пскомро то арши аъло ситоиш мекунед. Аммо аз шумо як илтимос дорам, ки ин мушкили мардуми деҳа аст, ки бо таъмири роҳҳо вобаста мебошад. Агар савори мошин ба ин ҷо оед, мушкилӣ кам нест. Як дафъа мошини ҳарбиён ба қаъри дарё рафт ва чанд нафар сарбозон қурбон шуданд. Ҳамгузарҳои ман ҳам чунин фоҷиаи марговарро аз сар гузарониданд. Барои «азоби роҳ – азоби гӯр» нашуданаш ҳамин масъаларо нависед. Шояд талаби мо ба гӯши калонҳо расад.

Масъалаи дигар ба чарогоҳ табдил ёфтани талу ёнаҳои Пском. Ҳар сол беш аз сад ҳазор рама мӯру малах барин аз водии Фарғона омада, рустаниҳои шифобахшро несту нобуд месозанд. Чанд маротиба ба «боло» шикоят навиштем, натиҷа – «пушти ману табари қассоб!»

Президенти муҳтарам ноҳияи Бӯстонлиқро минтақаи сайёҳӣ эълон карданд, ки сохтмони истироҳатгоҳу роҳҳои арғамчинӣ ба қуллаҳои кӯҳ дар авҷ аст. Агар мо табиатро ҳифз накунем, баъди дусе сол кӯҳсор аз дашту биёбон фарқ намекунад.

Умед аст, ки нидои дилсӯзона ва пургудози Қурбонбобо Файзиев ба гӯши «калон»-ҳои вилояти Тошканд мерасад ва муушкилот ҳалли худро хоҳанд ёфт.

### «Байкал» дар кӯҳсор

Дар ҷануби Сибири Шарқӣ, воқеъ дар вилояти Иркутски Русия кӯли ширинобу шаффофи Байкал ҳаст, ки бо чашми оддӣ то 12-15 метр чуқурии онро дидан мумкин. Дар бағалкӯҳҳои Пском низ чанд кӯли табиӣ ҳаст. Оби онҳо чунон зулол ва сабз ҳастанд, ки мардум «кӯли нифрит", яъне яшм (як навъ санги қиматбаҳои ақиқмонанд) мегӯянд.

Вақте ки гап дар бораи кӯли зебо рафт, ҳамсафаронамон Зарнигору Меҳринисо гуфтанд, ки ҳатман дидан зарур. Сироҷиддин ном ҷавон ваъда дод, бо нақлиёти худ хизмат мекунад. Гарчанд роҳ душвору монеаҳо дошт, «асп»-и мо бебокона, озод аз ҳамаи онҳо мегузашт. Ҳудуди кӯл иҳота шуда, анбӯҳи дарахту рустаниҳо диққати сайёҳонро ба худ мекашид.

Сатҳи кӯл беш аз дусад, бараш 70-100 метр буд. Чуқуриаш 8-12 метрро ташкил карда, сангҳои гуногун ҷило медоданд.

– Агар боз ягон километр боло бароем, – фаҳмонд Сироҷиддин, – як кӯли дигар ҳаст, ки калонтар мебошад.

Аммо аз сабаби танг будани вақт тамошои онро ба дафъаи дигар гузоштем.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*САМАРҚАНД – ПСКОМ – САМАРҚАНД.*

---

***Маълум аст, ки ҳар сол озмуни фаннии зинаи ҷумҳуриявии донишомӯзони синфҳои 11-уми мактабҳои таълими миёна баргузор мегардад.***

# АЗ ЯК МАКТАБ – ДУ ҒОЛИБ

Чунин қувваозмоӣ байни хонандагони синфҳои 11-и мактабҳои миёна аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, ки дар Самарқанд ба амал омад, ба поён расид.

Дар он аз 9 вилояти ҷумҳурӣ (Сурхондарё, Қашқадарё, Самарқанд, Навоӣ, Ҷиззах, Сирдарё, Тошканд, Намангон, Фарғона) 27 нафар довталаб аз рӯйи ду намуд: иншо ва ҷавоб ба саволҳои тест дониши худро санҷиданд. Натиҷаҳо чунинанд: ҷойи аввалро хонандаи мактаби рақами 52-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё Мавзуна Муҳаммадова, ҷойи дуюм ва сеюмро мувофиқан хонандагони мактаби 21-уми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Ҷавоҳир Шакаров ва Ноила Раззоқова ишғол намуданд.

– Дар таҷрибаи ин гуна озмунҳо, ки аз соли 1989 баргузор мегардад, рӯйдоди нахустин аст, ки аз як мактаб ду дастпарвари як омӯзгор ғолибият ба даст оварда бошад. Ин ду нафар ғолиб шогирдони омӯзгори варзидаи рақами 21 ноҳияи Нурато Бахтиёр Холов мебошанд. Месазад, ки таҷрибаи кории омӯзгори фаъолро дар миқёси ҷумҳурӣ оммавӣ гардонд, – мегӯяд яке аз аъзоёни ҳакамот Элмурод Рӯзиев.

– Солҳои пеш аз вилоят бо на камтар аз 76 хол ба зинаи ҷумҳурӣ роҳхат гирифтан мумкин буд, ҳоло бартарӣ дар он аст, ки аз 76 хол паст низ ҳуқуқи дар марҳалаи ҷумҳурӣ иштирок карданро ба даст меорад. Боз як навгонӣ дар он аст, ки ба ҳар як вилоят се ҷой дода шудааст. Камбудиҳо бисёранд. Бо шеваи маҳалли худ навиштану баёни фикр намудан ба назар мерасад, ки ин бисёртар ба омӯзгори фан вобаста аст. Албатта, дар дег бошад, ба кафлез мебарояд гуфтаанд, – мегӯяд Э.Рӯзиев.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**

---

# РӮЙНАМОИ КИТОБИ «ДАР ҶУСТУҶӮИ СУБҲ»

**Дар ҳалқаи устодону донишҷӯёни шуъбаи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз рӯйнамои китоби нави адиб ва донишманди заҳматкаш Наҷмиддин Рашидов баргузор гардид.**

Ин сеюмин китоби муаллиф мебошад. Китоби сеюмаш, ки акнун аз нашр баромадааст, «Дар ҷустуҷӯи субҳ» ном дорад. «Наҷмиддин Рашидов аз он ҷумлаи ангуштшуморест, ки ҳам олиманд, ҳам шоиранд ва ҳам нависандаанд...

...Кам менависад, вале бомаънӣ менависад. Кам ҳарф мезанад, вале ҳарфаш бори сангини маъноро ба дӯш мекашад...

...Шояд дар оянда муҳаққиқони нуктасанҷ ҳавсалае кунанду ба таҳқиқи дақиқтару амиқтари навиштаҳои ин адиби донишманд эҳтимом варзанд», – гуфтааст дар сарсухан Ҷаъфар Холмӯъминов.

**Ҷамшед ҶУМЪАҚУЛОВ,**
**устоди кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи ДД Тирмиз.**

---

# ҶОЙГОҲИ ЗАНОН ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

***Зан дар Бухоро бобати эҳтиром ва ҳуқуқ дар мақоми воло қарор дошт. Занони Бухоро дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт тавонистаанд, ки баробари мардон ширкат ҷӯянд. Дар ин гуфта муболиғае нест. Дар рафти омӯхтани манбаъҳо гувоҳи он гардидем, ки занон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ саҳми назаррас доштаанд.***

То тасаллути ислом Бухороро як оилаи маҳаллӣ идора кардааст. Муаррихон ба ӯ номи Бухорхудотро додаанд, овардааст Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия». Тавре ки Муҳаммад Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» овардааст, вақте арабҳо вориди Бухоро мешаванд, мебинанд, ки ба ҷойи фарзанди ҷавонаш – Тағшода зане дар тахт нишастааст. Ӯ ба ҷойи падараш – Бедуни Бухорхудот нишаста буд. Ин занро ном Қабҷ Хотун буд. Хотун дар Бухоро понздаҳ сол ҳукумат кардааст. Вай шеваи идоракунии худро дошт. Дар ин хусус Наршахӣ навиштааст. Овозаи шуҳрати ӯ то Басра расида, дар саховатпешагӣ ба масал табдил ёфта буд.

Боз дар ҷойи дигари «Таърихи Бухоро» Наршахӣ овардааст, ки «Деҳаи Наршах аз ҷониби зане бо номи Сайидаи Наршах идора карда шудааст. Ин ҳодиса тақрибан дар соли 159-уми ҳиҷрӣ (776 милодӣ) ба вуқӯъ пайвастааст». Бинобар нақли Ибни ал-Асир, ҳамчунин, модари амир Нӯҳ ибни Мансур то ба балоғат расиданаш васии ӯ будааст.

Дар Бухоро то тасаллути ислом ва дар ҷараёни фатҳ мавқеи занон то ҷое эҳсосшаванда будааст, ки дар лашкаркашиҳо алайҳи душманон ширкат ҷустаанд. «Таърихи Табарӣ» гувоҳӣ медиҳад, ки занон ба шавҳарони фотеҳи худ кумак мерасонданд, дар набардҳо хӯрокашонро мепухтанд, ба туфайли занон деги шавҳарони ҷанговар «ҳамеша дар ҷӯш» буд.

Ҳарчанд арабҳо то даври тасаллути ислом низ дар Бухоро буданд, мавқеи онҳо баъди фатҳ таҳким ёфт. Аксарияти сарбозони араб дар шаҳру деҳот монда, бо мардуми маҳаллӣ омезиш ёфтаанд. Вақте сухан аз таҷовузи арабҳо ба Бухоро меравад, аз назар гузарондани таркиби иҷтимоии лашкар айни муддаост. Дар соли 45 ҳиҷрӣ (665 милодӣ) яке аз ёварони Холид ибни Абдуллоҳ ал-Ҳанафӣ – Рабеъ ибни Зиёд Ҳорисӣ волии Хуросон таъин гардида, панҷоҳ ҳазор оилаи арабро ба Хуросон кӯчондааст. Боз «Таърихи Табарӣ» гувоҳӣ медиҳад, ки бисту панҷ ҳазори онҳо аз Басра ва ба ин миқдор аз Куфа омада буданд. Қисмате аз ин арабҳо барои зиндагӣ шимол – Бухороро ихтиёр намудаанд. Сипас арабҳо Ҷайҳунро убур карда, дар Бухоро шурӯъ ба ғазот кардаанд. Роҳбари лашкар дар ин маврид амир Салим ибни Зиёд будааст.

(Давомаш дар саҳ.4).

---

# АФЗУН ГАРДОНДАНИ МАҲСУЛОТ БО УСУЛҲОИ НАВИ ХОҶАГИДОРӢ

***Ба наздикӣ дар Маркази матбуоти пойтахт доир ба масъалаҳои рушди хоҷагиҳои чарогоҳӣ нишасти матбуотӣ баргузор шуд. Дар он мутахассисони соҳа ва намояндагони созмону идораҳои дахлдор ширкат ҷустанд.***

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки тибқи фармони Президент ба Кумитаи рушди саноати пиллакорӣ ва пашми ҷумҳурӣ 17412 ҳазор гектар майдони чарогоҳӣ ҷудо карда шудааст. Тӯли давраи гузашта дар ин майдонҳо 53 кластери қарокӯлипарварӣ созмон дода шуд.

Тарзи нави хоҷагидорӣ — хоҷагии кластерӣ, агар тибқи шароити маҳаллӣ ва талаби замон ба роҳ монда шавад, натиҷаи матлуб мебахшад. Ин аст, ки тавассути ба роҳ мондани хоҷагии кластерӣ дар хоҷагиҳои мазкур 15,8 ҳазор тонна гӯшт, 15,2 тонна пашм, 6,1 тонна калоба, 3,2 ҳазор метри мураббаъ намад, 301 ҳазор метри мураббаъ гилеми дастибофт, 608 ҳазор дона пӯст ва 169,9 тонна ашёи хоми каврак истеҳсол карда шуд.

Дар соли сипаригардида аз ҳисоби вусъат додани ҳаҷми истеҳсолот аз хоҷагиҳои созмондодашуда маҳсулоте, ки 18,7 миллион доллар арзиш дошт (маҳсулоти қарокӯлӣ ва каврак), содир карда шуд.

Тавре ки дар чорабинӣ таъкид гардид, дар баробари пешравӣ, дар соҳа камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Солҳои охир бар асари бе назорат мондан ва беҳадаф истифода шудани растании каврак ва ашёи хоми он майдонҳои кавраки табиӣ хеле коҳиш ёфтанд. Бино ба натиҷагириҳо, агар майдонҳои кавраки тоҷикӣ соли 2019 33 ҳазор гектарро ташкил карда бошанд, дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 17 гектар коҳиш ёфтааст.

Дар соли 2022 бар асари рушд бахшидан ба соҳаи қарокӯлипарварӣ ва вусъат додани ҳаҷми истеҳсолот истеҳсоли гӯшт ба 16 ҳазор тонна, пашм ба 16,5 ҳазор тонна, калоба ба 6,6 ҳазор тонна, намад ба 3,4 ҳазор метри мураббаъ, гилемҳои дастибофт ба 329 ҳазор метри мураббаъ, пӯст ба 666 ҳазор дона ва ашёи хоми каврак ба 227 тонна расонда шуд. Ҳамчунин, аз ҳисоби татбиқи 154 лоиҳаи нав, модернизатсияи корхонаҳо ва созмон додани плантатсияҳои каврак ба миқдори 318 миллион доллари ИМА маблағи инвеститсионӣ аз худ карда шуд. Ҳоло дар соҳа 92916 нафар бо шуғли доимӣ ва мавсимӣ фаро гирифта шудаанд.

Роҳбари давлат ба мақсади афзун гардондани маҳсулот 27 апрели соли равон ба фармони нав «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ доир ба рушди парвариши каврак ва рағбатноксозии саноатикунонӣ» имзо гузошта буд.

Тибқи фармон пешбинӣ шудааст, ки то 1 июни соли 2022 дар вилоятҳои Бухоро, Қашқадарё, Навоӣ, Самарқанд ва Сурхондарё хонакории парвариши каврак ва кластерҳо ташкил дода мешаванд. Ҳоло дар вилоятҳо гурӯҳҳои ташаббускор кор мебаранд. То соли 2026 дар 30 ҳазор гектар майдон парвариши каврак ба роҳ монда хоҳад шуд, ин имкон медиҳад, ки барилова 14 ҳазору 210 ҷойи нави корӣ ба вуҷуд оварда шавад.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

---

# РИСОЛАИ АРЗИШМАНД




***Мовароуннаҳри қадим аз сарзаминҳое маҳсуб мешавад, ки тасаввуф дар он ҷо ба вуҷуд омада, вусъат пайдо кардааст. Тасаввуфи то қарни XII дар Осиёи Марказӣ рушд карда ба равнақи минбаъдаи он таҳкурсӣ ҳозир намуд.***

Тадқиқоти илмии «Сарчашмаи тасаввуфи Мовароуннаҳр: ташаккул ва таснифи таълимоти тасаввуф (Асрҳои VIII-XI)» бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи омодагӣ ба 915-солагии таваллуди Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ, ҳамчунин, 700-солагии таваллуди Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд ва ба муносибати аз ҷониби Созмони ҳамкории исломӣ соли 2020 Пойтахти маданияти олами ислом эълон шудани Бухоро» китоби олими ҷавон Комилҷон Раҳимов дар нашриёти «Дониш»-и шаҳри Душанбе аз чоп баромад. Мутарҷимони китоб Парвиз Иззатуллоев, Тоҷибой Икромов, муҳаррир Абдуллоҳ Субҳон мебошанд.

Дар рисолаи мазкур давраи тотариқатии тасаввуфи Осиёи Марказӣ, ғояҳои асосии ин давр, намояндагони бузург ва хусусиятҳои муҳими он, ҷойгоҳи асарҳои «Шарҳ-ат-Таъарруф»-и Мустамлӣ дар байни манбаъҳои тасаввуф, аҳамияти асари «Китоб-ат-таъарруф»-и Калободӣ ба сифати осори фундаменталӣ оиди тасаввуф ва таъсири он ба манбаъҳои тасаввуфи баъдина тадқиқ карда шудааст.

Чуноне ки директори Институти шарқшиносии ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Баҳром Абдуҳалимов таъкид кардааст, тасаввуфшиноси ҷавони ӯзбекистонӣ Комилҷон Раҳимов асари ҷолиберо таълиф намуда, ба ин восита ба пур кардани холигоҳи таҳқиқот дар ин самт кӯшидааст. Ва он як намунаи хуби дастоварди як нафар тасаввуфшиноси муосир дар таҳқиқи мероси муштараки ирфонӣ мебошад.

«Дар доираи ҳамкориҳои дуҷонибаи илмӣ рӯйи чопро дидани асари Комилҷон Раҳимов аз тарафи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кори муҳим буда, ошноӣ бо дастовардҳои олимони ҳар ду кишвари бародарро бештар менамояд ва барои таҳкими дӯстию бародарии олимони ду халқ хидмат хоҳад кард»,– менависад муҳаррири илмии рисола, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Кароматулло Олимов.

**Махфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# ҲАМСАРАМ

## (Эссе)

Занам маро дӯст дорад ё на, аз ман не, аз ҳамсоягонам пурсед. Рӯзе нест, ки бо ман муомилаи хуб ё мусолиматомезона суҳбат кунад. Аз ким-кадом ҷойҳо суханҳои дурушту хомро ёфта, нисбати ман истифода мекунад. Муроҷиаташ ба ман бо суханҳои даъвогаронаю дурушрхӯй: «хез», «рав», «бас», «шин», «қап», «хӯр» ва ғайра сар шуда, бо «аз дастат ягон чиз намебиёяд» тамом мешаванд. Ягон коре карда набошам, ки мувофиқи табъи дилаш бошад. То ҳатто тоқиамро дар сарам гӯё нодуруст мемонам. Ҳар як сухани ӯ чун халаи найза гӯё дар пушти ман бошад. Чунин муносибати ӯ маро ба ташвиш овард. Аз ӯ гурехтан ҳам наметавонам, маро, аз як тараф, гӯё бо занҷир баста раҳо намекунад, аз тарафи дигар, бе ӯ ман зиндагиро ба худ тасаввур карда наметавонам.

Рӯзе мехостам дар дилаш раҳму шафқатро бедор кунам ва худро дар ҷои хобам партофта, дар ҳолати ниммарг андохта, войвой «Ковид-19» гуфта, хоб кардам. Занам омада, ба ҷои он, ки «ба ту чӣ шуд» гӯён пурсад, болиштамро аз зери сарам бо шиддат як сӯ партофта, пӯписа кард: – «Хез, ҳама мурданд, ту ҳам мемурӣ, гусфандонро об деҳ». Ман, ба назарам, одами танбал нестам, кори хонаро хуб ба ҷо меоварам, масъулияти баланди хонаводагӣ ҳам дорам, занамро дӯст медорам, ба ланголанг гаштани ӯ ҳам диққат намекунам, зеро барояш зебанда аст. Аммо бо вуҷуди ин чунин муносибат... рафтори таҳқиромез ва нешзании ҳаррӯзаи занам маро то ҳадде ба изтироб овард, ки мехостам ба мутахассиси калони руҳӣ муроҷиат кунам. Фикр кардам, ки шояд занам ба бемории руҳӣ мубтало шуда бошад, зеро фишору таҳдиди беасосаш манро ба тарки хонаву оила водор намуд. Занҳо як асрори барои мардон даркнашавандае доранд. Онҳо кадом фикру зикре, ки дар дилу каллаи мардон пайдо нашавад, ба осонӣ бо гувоҳии дили худ хонда метавонанд ва тибқи он рафтор мекунанд.

Ман чанде пеш дар қалбам дилбастагии бисёре бо духтари ҷавоне ихтиёр кардам. Ин духтар қалбамро, чуноне ки мегӯянд, «забт» карда, зикри занамро аз дилам берун баровараданӣ шуд. Занам бо гувоҳии дили худ ин ҳолати диламро дарк карда, бешуурона ба «мубориза» хест. Ӯ аввал хост маро аз дилбастагӣ бо ин духтари ҷавон маҳрум намояд, баъд чорае барои зиндагииояндаи худ дида барояд.

Майли бевафоии ман нисбат ба ӯ дар дилаш алангаи хиёнатро барангехт. Рашк ӯро беқарор намуд. Ман бо як мушкилӣ бошад ҳам, инро пай бурдам. Дилбастагии худро бо ин духтари ҷавон аз қалбам соқит кардам. Андешаҳои ҳаррӯзаи худро аз тарҳи рӯяш ва нашъаи ӯ пок кардам. Нохост занам якбора мисли гул шукуфт, мехост худро зери поям партояд, тамоми буду вуҷудаш ба ихтиёри ман гузошт, аз чашмонаш нури меҳр пошидан гирифт. Мисли он ки бо болҳои зебои малоик дар осмон парвоз кунад. Агар пеш дар назарам «аз дастат чизе намеояд» мегуфт, акнун ба «Султони қалбаш» табдил ёфтам.

Ё парвардигори олам, гуфтам. Шумо дар қалби мард танҳо як зан ва дар қалби зан танҳо як мард ҷойгузин кардаед. Ин ҷойи муқаддас, агар пайваста иваз шавад, аз ихлос орӣ бошад, зиндагӣ лаззат ва саодати худро, ки дар зери пардаи дил ниҳонанд, гум мекардааст.

Саргузашти зиндагии якҷояи зану шавҳар, бо тамоми пасту баландиҳояш, дар шакли чин (ожанг) дар чеҳраашон гиреҳбандӣ мешавад ва ин гиреҳбандиҳо барои фарзандонаш, набераю аберагонаш, чун дарси аёнии зиндагӣ хоҳанд шуд.

Дар оиладорӣ бо зан зиндагӣ кардан ҳам як намуди санъат будааст. Агар нақши худро дуруст, бо ихлос бозӣ карда натавонӣ, пушаймонӣ, танҳоӣ, ҷанҷолу хархаша, муҷаррадӣ як умр домангират мешаванд.

**Ҳақназар КУРБОНМАМАДОВ,**
*ш.ТОШКАНД.*




# СИЛСИЛА – ДУХТАРИ САМАРҚАНД

## Қиссае аз ҳаёти тарҷумони «Шоҳнома»-и безавол



***Дар бораи Силсилабону – завҷаи шоири бузург Абулқосим Лоҳутӣ, фаъолияти эҷодӣ, ҳаёти шахсиву оилавиаш чиҳо медонем? Аксарияти онҳое, ки аз адабиёти муосири тоҷик, ташаккулу ривоҷи он баъди табаддулоти октябрӣ огоҳӣ доранд, аз маҳорати баланди тарҷумонии ӯ бохабаранд, яъне вай, қабл аз ҳама, чун мутарҷим машҳур буда, дар тарғиби шеърияти бузурги форсӣ, алалхусус «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ хидмати сазовор кардааст.***

Силсилабону, назар ба асоси манбаъҳое, ки дастрасанд, баъди ба Самарқанд омадан, барои он ки тоҷикиро омӯзад, чанд муддат дар «Овози тоҷик», ки нав ташкил ёфта буд, чун котиба ва ҳуруфчин фаъолият кард. Дилбастаи шеърият буд, саъй менамуд аз ашъори классикҳоямон намунаҳо қироат ва бо тоҷикӣ дар маҳфилҳои адабӣ баромад кунад. Бо лаҳни андак сактадор, вале овои ширанок ба тоҷикӣ шеърхонии яҳудидухтар эътибори умумро ба худ мекашид. Дар «Овози тоҷик» дер фаъолият набурд, баъде Лоҳутиро ба Душанбе хонданд, аз Самарқанд ба пойтахти нави тоҷикон кӯч баст. Чун шарқшинос фаъолияти илмӣ пеш бурд. Баъдтар тақдир ӯву шавҳарашро, ки аллакай аз сафи шоирони пешбари мамлакат ҷой гирифта буд, ба Маскав пайваст. Чун муҳаққиқи ҷараёнҳои адабӣ дар съезди якуми нависандагон, ки соли 1934 баргузор гардид, ширкат ҷуст ва бо Максим Горкий – сарпарасти адабиёти умумииттифоқ шинос гардид. Горкий гуфт, адабиёти форс-тоҷик баҳрест беҳудуд, вале дурдонаҳои он ҳанӯз ба ташнагони сухан, алоқамандони илму адаби дунё дастнорас. Маслиҳат дод классикҳоро ба русӣ тарҷума кунад. Аз ҳамон вақт сар карда, вай ба тарҷумонӣ шурӯъ намуд. Абулқосим Лоҳутӣ ӯро дастгирӣ кард. Гуфт то имкон будан дасти ёрӣ дароз мекунад, ту низ дар навбати худ ба русиомӯзиам мадад хоҳӣ намуд...

– Корро аз кӣ оғоз менамоем? – пурсид Силсилабону. – Аз Фирдавсии бузургвор, ҷавоб дод Лоҳутӣ. Ва илова намуд, муаллифи «Шоҳнома» бароям бегона не, мо ҳамном!

Бале, Лоҳутӣ аз ҳамномиаш бо Фирдавсӣ ҳамеша ифтихор менамуд. Навиштааст: «Рафиқон, агарчанде на Тӯсиям, Абулқосим – авлоди Фирдавсиям!»

«Шоҳнома»-и ёздаҳ аср қабл навишташударо, ки асари назмии бузургҳаҷмест, хондан меҳнати сахт талаб мекунад. Маънию мазмунашро фарогирӣ низ осон нест. Баргардондан ба русӣ-чӣ?

Силсилабонуро, ки дар ибтидо воҳима зер мекард, Лоҳутӣ таскин мебахшид: «Баҷуръат бош. Рӯҳи Фирдавсӣ мадад мекунад». Ҳамин тавр ҳам шуд ба назар. Илҳом ҷӯш зад, душвориҳо батадриҷ бартараф шуданд, Силсилабону воқеан мададгоршавии рӯҳи шоири бузурги Тӯсиро идрок менамуд.

Вале вай дар як шароити душвор тарҷума мекард «Шоҳнома»-ро. Якхонагӣ доштанд дар Маскав. Бо ду кӯдак (баъдтар фарзанди сеюм ба дунё омад) дар ҷои тангу тор зиндагӣ кардан, баъди хобондан ё ором сохтани кӯдакҳо қалам ба даст гирифтан, мазмун, вазну қофияи асари монументалиро ҳамоҳангу мутобиқ гардондан осон намекӯчид ба мутарҷим.

Бачаҳоро гирифта, ба Ивановка ном шаҳраки назди Маскав кӯчиданд. Оила аз нигоҳи моддӣ танқисӣ мекашид. Ғайр аз ин аз ноороми нимаи дувуми солҳои сиюм, бекорориҳои сиёсӣ ҳамаамон хабардор.

Ҳамин тавр, дар Ивановка зану шавҳар ҷилди аввали тарҷумаро ба итмом расонданд. Дар Дунин ном мавзеи соҳили дарёи Маскав шоири рус Пришвин зиндагӣ ва эҷод мекард. Ӯ, ки дӯсти беғарази Лоҳутӣ буд, баъзан хабаргирӣ ба Ивановка меомад ва медид, зану шавҳар бо ду тифл дар чӣ қадар шароити душвор меҳнат мекунанд. Вале Силсилабону асло шикоят намекард. Баръакс мегуфт, хеле хуб кор мекунанд. Табиати зебо барои дарёфти образҳо дар ҳамоса «Шоҳнома» мусоидат месозад.

Зану шавҳар аз соати 4-5-и субҳ ба сари миз нишинанд, касе халал нарасонад, саргарми кор чӣ тавр бегоҳ шудани рӯз ва фуромадани пардаи торикиро нафаҳмида мемонданд. Соли 1957 Лоҳутӣ аз дунё гузашт. Андак пештар аз вафоташ ҷилди аввали «Шоҳнома» ба русӣ аз чоп баромад. Китобро ба даст гирифт, ашк дар чашмонаш ҳалқа зад. «Ва ниҳоят», мегуфт дар ҳолати ҳаяҷон. «Ниҳоят!..» Дарвоқеъ, рақибон муваффақ шуда буданд муносибати роҳбарони давлат, хоссатан роҳбари аввалро ба Лоҳутӣ сард намоянд. Дар охирин солҳои ҳаёташ ягон китоби ӯ чоп нашуд...

Ҷилдҳои боқимондаи «Шоҳнома»-ро Силсилабону тани танҳо тарҷума кард. Соли 1989 ҷилди шашуми ҳамоса ҷомаи табъ ба бар намуд. Фирдавсӣ дар таълифи «Шоҳнома» бештар аз 30 сол ранҷ кашида бошад, Силсилабону барои баргардониши он ба русӣ зиёда аз 50 соли умри азизашро сарф намуд.

Нотавонбинӣ нисбати Лоҳутӣ ҳанӯз соли 1934, баъде котиби масъули иттифоқи нависандагони шӯравӣ интихоб гашт, ибтидо гирифта буд. Тавре дар боло ишора рафт, ба зану шавҳари эҷодкор, ки ду кӯдак доштанд, квартираи якҳуҷрагӣ ҷудо карданд. Барои он ки хонаи калонтар гиранд, Лоҳутӣ чанд бор ба Молотов муроҷиат кард. Натиҷа, ки ҳосил нашуд, маҷбуран аз Сталин мадад пурсид. Масъалаи тарҷумаи «Шоҳнома» низ зиддиятҳоро тезутунд месохт. Зумрае мехостанд асар назмӣ не, насрӣ баргардонда шавад. Институти шарқшиносии АУ шӯравӣ ба чопи асар муқобил баромад. Мегӯянд, байни Лоҳутӣ ва директори онвақти институт зиддиятҳо шадид гаштанд. Соли 1955 Ҷавоҳирлаъл Неҳру ба Маскав ташриф оварда. Тааҷҷуб намуд, ки ҳанӯз эпоси бузурги Шарқ ба русӣ чоп нашудааст. Бо дахолати ӯ, ниҳоят, «Шоҳнома» ба табъ расид. Барои чопи ҷилди дувум низ Силсилабонуро лозим омад маҳрумиятҳои зиёд кашад.

Ҷонибдоронаш низ кам набуданд. Мегуфтанд Бону муносибтарин мутарҷими «Шоҳнома» ва умуман адабиёти форс ба русист. Айни замон Силсилабону осори ҷудогонаи адибони аврупоию русро ба форсӣ-тоҷикӣ устодона баргардонд. Масалан, ӯ мутарҷими «Шоҳ Лир» ба тоҷикист. «Отелло» дар тарҷумаи ӯ соли 1941 дар Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Маскав муаррифӣ гашт. Силсилабону ҷуз «Шоҳнома» боз намунаҳои зиёдро аз адабиёти классикиамон ба русӣ баргардондааст, ки ба асл наздиканд. Масалан, рубоиёти Хайём, ғазалиёти Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, «Маснавии маънавӣ»-и Балхии Румӣ ва ҳоказо.

Зодаи губернияи Чернигов (таваллудаш – 1911) Силсилабону (ному фамилияи духтариаш Сетсилия Бентсиановна Бакалейшик), ки хатмкардаи Донишгоҳи Киев мебошад, асосан дар Маскав умр ба сар бурда бошад ҳам, Самарқандро бисёр дӯст медошт. Вақте ба ин шаҳр омад, ҳаждаҳсола буд. «Шаҳри ҷавониам» меномид Самарқандро. Маҳз ҳамин ҷо бахти худро ёфт – бо Лоҳутӣ, ки мухбири «Правда» ва «Известия» буд, оила барпо намуд. Се фарзанд ёфтанд: як духтар ва ду писар. Лайлӣ эроншинос гардид, писари калонӣ Далер – филолог-файласуф, хурдӣ – Гев журналист ва мутарҷим. Лоҳутиву Силсилабону (Бону) бо наберахо низ фахр мекарданд, алалхусус бо Майя ва Феликс, ки оянда шахсиятҳои номдор шуданд.

«Ман меҳмон не, ман духтари Самарқанд», мегуфт Силсилабону, Ходими шоистаи фарҳанги Тоҷикистон, ҳар вақте ба Самарқанд омад. Шеърхонӣ ва суханрониаш ба тоҷикӣ басо гуворо буд. Назар ба нақли яке аз дӯстони мо, дар Симпозиуми байналқие, ки дар Самарқанд баргузор шуд, вай гуфтааст: Фирдавсию Лоҳутӣ. Тамоми умр бо ду Абулқосим сарукор доштам». Бону 11 январи соли 1998 дар Маскав вафот кардааст.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ.**

# ПИРӮЗӢ МУБОРАК, МАВЗУНА!




Мавзуна Муҳаммадова яке аз шогирдони пешқадаму фаъол ва соҳибистеъдод буда, ҳанӯз аз синфҳои поёнӣ ба илму дониш рағбати зиёд пайдо намуда буд. Вай дар оилаи омӯзгор таваллуд ёфта, муҳити хонаводагӣ тавонист, ки баробари тарбия ба эҷод завқу шавқи бештаре пайдо кунад.

Мавзуна аз овони наврасиаш ба мутолиаи китоби бадеӣ завқи бепоён дошт ва ба навиштани шеъру лавҳа ва ҳикояҳои хурд-хурд аз рӯзгори наврасон машғул гардидааст, ки аксарияти намунаи эҷодаш дар саҳифаҳои тоҷикии рӯзномаҳои «Сариосиё» ва «Ховар» рӯи чопро дидаанд. Инчунин, чанд намунаи шеърҳои шогирдонааш дар маҷмӯаи дастаҷамъии «Сариосиё – офтоби қалбам» ҷой гирифтааст. Вай дар рассомӣ низ маҳорати баланд дошта, намунаи суратҳояш деворҳои мактаберо, ки ӯ таҳсил мегирад, ҷило медиҳанд. Бошад, ки дар оянда ӯ ҳамчун қаламкаши сермаҳсул ва рассоми моҳиру чирадаст маълуму маъруф гардад.

Ҳоло Мавзуна Муҳаммадова хатмкунандаи синфи XI мактаби таълими умумии рақами 52-юми ноҳияи Сариосиё мебошад. Чанд моҳ пештар ӯ дар зинаи ноҳиявӣ ва вилоятии озмун аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ҷойи аввалро гирифта, ба зинаи ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифта буд. Инак, боз хабари хуши тозае шунидем, ки дар миқёси ҷумҳурӣ, ки дар шаҳри Самарқанд баргузор шуд, ҷойи аввалро сазовор гардидааст.

Мо дар навбати аввал Мавзуна ва устодаш Назира Раҳматуллоева, роҳбари синф Хуршеда Тиллоеваро бо чунин пирӯзӣ муборакбод намуда, барояшон дар ҷодаи илмомӯзӣ фатҳи қуллаҳои баландро таманно дорем.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# ҶОЙГОҲИ ЗАНОН ДАР ЗАМОНИ СОМОНИЁН

(Аввалаш дар саҳ.3).

Яке аз занони бухороӣ қаҳрамонии бемисл нишон медиҳад. Дар соли 390 ҳиҷрӣ (соли 999 милодӣ) вақте давлати амир Исмоили Сомонӣ аз ҷониби Иликхон шикаст дода мешавад, дар рӯзҳои тороҷ ин зан амирро, то ором гардидани вазъият, дар хонаи худ пинҳон мекунад.

Занони бухорӣ, дар баробари ҷанговар будан, серҳаракат низ будаанд.

Аз ҷумла, занони амирони Сомонӣ, ки забон, адабиёт ва фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ дар аҳди онҳо рушд кардааст, ҳамеша дар паҳлӯи шавҳарони худ будаанд. Занон бобати сулҳ бастан дар байни хусуматдорон нақши муҳим доштаанд. Никоҳ душманиро бартараф намуда, ба қаробатҷӯйии тарафҳо мусоидат менамуд. Ин навъи хонадоршавӣ «аз-зивоҷ ас-сиёсӣ» (никоҳи сиёсӣ) баъди ҷанг ба сулҳу оштӣ замина фароҳам меовард. Айнан чунин ҳодиса дар никоҳи амир Зайд ибни Муҳаммад ибни Зайд ва духтари саркардаи Сомонӣ Ҳамуя ибни Алӣ рӯй дода буд. Ҳамчунин, ин гуна ҳолат дар соли 361 ҳиҷрӣ (соли 972 милодӣ) вақти хонадор шудани амир Мансур ибни Нуҳ ибни Наср ба духтари Издуддавла ал-Бувайҳӣ ба мушоҳида расидааст, ки дар ин бора Маскавайҳ дар «Таҷоруб-ул-умам» овардааст. Яке аз намунаҳои дигари «никоҳи сиёсӣ» ба духтари императори Хитой хонадоршавии амир Нуҳ ибни Наср мебошад.

Дар Бухоро як одати васеъпаҳншудае буд. Амир барои ба даст даровардани боварии саркардагонаш, бо онҳо риштаи хешу таборӣ мепайваст. Аз ҷумла, амир Абдумалик ибни Нуҳ бо духтари саркардаи худ – Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ироқ издивоҷ кардааст. Амир Нуҳ ибни Мансур духтари саркардаи худ – Муҳаммад ибни Иброҳимро ба занӣ гирифта буд.

Занони бухорӣ аз он ки бо худу дин ва фарҳанги худ ифтихор доштанд, бо нафарони номуносиб издивоҷ намекарданд. Дар соли 102 ҳиҷрӣ (720 милодӣ) вақте як заминдори калон бо зане издивоҷ кардан мехоҳад, зан, бино бар он, ки заминдор аз дигар қавм аст, пешниҳоди ӯро рад менамояд. Ҳамчунин, духтари Наср ибни Аҳмад, бино бар он, ки мусалмон аст, аз даромадан ба никоҳи шоҳи Хитой саркашӣ мекунад. Никоҳ бо роҳи муайяни исломӣ тавассути фақеҳу қозиён ба вуқӯъ мепайваст.

Бинобар далолати Рисолат ибни Фазлон, бухориён чун нишони эҳтиром ба зан, тасмим гирифтаанд, ки маҳрро бо дирҳам пардозанд. Зеро дирҳам арзиши баланд дошт.

Амирон ба ҳарамҳои худ беэътибор набуданд, онро дар ҳавлиҳои махсус месохтанд ва ба ҳарамҳо танҳо шахсони ба амир наздик (хосон) даромада метавонистанд.

Бухориён, мисли мусалмонони дигар, шаъну шарафи худро ҳифз менамуданд, ба он бефарқ набуданд. Ҳатто яке аз бухориён дар шаҳр барои таҳқир ҷавонеро мекушад. Дар байни бухориён занони оқилу бурдбор кам набуданд. Онҳо хатои шавҳарони худро бо панду насиҳат ва зарофатгӯиҳо ислоҳ намудаанд.

Занони Бухоро дар бахши фарҳанг низ фаъол будаанд. Сайида бинти қозӣ Абузарр ал-Бухорӣ аз бобояш Имом Муҳаммад ибни Исмоил ал-Бухорӣ ҳадис ривоят мекард. Аз ӯ бухориёни зиёде ҳадис ривоят кардаанд, ки дар ин бора Ибни Мавло нақл кардааст. Зани фақеҳи бузург – Абуҳафс ал-Кабир ал-Бухорӣ ӯро насиҳат мекард ва фикрашро ислоҳ менамуд. Рӯзе фақеҳи бузурги ҳайратзада ба занаш гуфтаст: «Эй зан, тире андохтӣ, ки сӯроx кард».

Дар байни шоирҳои дарбори Сомониён будани шоира Робиа бинти Каъб ал-Қаздория далели он аст, ки занони бухорӣ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ низ тавону салиқа доранд.

Занони Бухоро ба мақоми олӣ низ ноил гардидаанд. Бино ба гуфтаи Ибни Ҳавқал ва Ал-Истахрӣ зане бо номи Ҳамдуна дарёи Навкандро ба самти хонааш гардонда будааст. Ӯ яке аз занони сарватманд буда, мулкашро ба некӯкорӣ сарф мекард. Аз ҷумла, яке аз кӯпрукҳои Бухоро ба шарафи ӯ «Пули Ҳамдуна» номида мешуд.

Амирони Сомонӣ ҷория ва ҳарамро зиёд кардаанд. Ҳатто яке аз амирон ҳазорҳо ҷорияю ҳарам доштааст, омадааст дар «Осор-ул-аввал»-и Ал-Ҳасан ибни Абдуллоҳ.

Вазир Абуабдуллоҳ ал-Ҷайҳонӣ ҳамеша гуфтӣ, ки зан бояд оқила бошад ва ин суханонро сари чанд вақт такрор мекард: «Ҷамол-ул-маръати фи ақлиҳа» (ҳусну ҷамоли зан дар ақли ӯст).

Баъзеашон шефтаи ҷорияҳои худ гардида, бо онҳо издивоҷ мекарданд ва баръакс, ба хидматгори тобеони худ табдил меёфтанд. Нуқтаи назари марди Шарқ ба зан мисли пештара боқӣ мондааст. Маънии байти шоирерo ин ҷо метавон оварда, ки фармудааст: «Аҳли идора дар назди ду чиз: идораи раъйи занон ва ҷавонон оҷизанд. Агар майлу ҳавои занон нафс бошад, ҷавононро наметавон ҷилавгирӣ кард».

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳон Берунӣ.**

*Фарзанди нек — боғи падар*

# «ҲАМРОҲИ БАД МЕБАРАД...»

Иборaҳои "Оила – риштаи муқаддас", "Оила – неъмати бебаҳои ҳаёт", "Ватан аз остона сар мешавад"-ро хуб медонем. Оила дар асоси ризоияти ду шахс барпо гардида, онҳо баҳри ҳаёти хушбахт қадамҳои муборaки худро мегузоранд. Дар оиладорӣ масъулияти мард бояд зиёдтар бошад. Дар асл фаҳмиши таъмини оила танҳо вазифаи мард аст гуфтан нодуруст. Таъмини маънавии фарзандон бар зиммаи ҳам падар ва ҳам модар бояд бошад. Муҳаммад (с.а.в.) таъкид менамояд: "Беҳтарин ҳадяи падар ба фарзанд одоби зебо мебошад". (Ривояти Тирмизӣ).

Эътибор ба зан ва тарбияи фарзанд ба мустаҳкамии оила мусоидат мекунад. Падар барои фарзанд ҳамон вақт падари хуб мегардад, ки модари ӯро дӯст дорад, қадр ва ҳифз намояд. Тарбияи кӯдак, ҷаҳонбинӣ ва ҳатто ояндаи вай дар муҳити оила, муносибати падару модар ташаккул меёбад.

Мутаассифона, имрӯзҳо чунин риштаи муқаддас бо сабабҳои ноарзанда, бо ихтилофи тарафҳо канда шуда истодааст. Ҷудошавӣ ва парокандагии оилаҳо зиёд ба назар мерасанд. Дар натиҷа кӯдакони бегуноҳ азият мекашанд. Ҳол он ки чӣ қадар оилаҳо, падару модарон ба нохуни фарзанд зор ҳастанд. Ҳамаи инро дида ҳар шахси солимфикр ба андеша меравад. Оилаҳое ҳастанд, ки 10-15 сол фарзанд надидаанд, аммо оиларо муқаддас шуморида, ҷудоиро ихтиёр накардаанд. Боиси хушнудӣ ва ифтихор аст, ки оилаҳои бефарзанд ятимону бепарасторонро ба фарзандӣ қабул намуда, амалҳои савобро иҷро мекунанд ва сафи чунин саховатпешагон торафт зиёд мегардад.

Ба мактабҳои ихтисосонидашудаи имконияташон маҳдуд рафта, мебинем, ки онҳо ба ҳаёт, ба оянда чӣ қадар меҳр доранд, шукрона мегӯянд, чашмони умедбахши фарзандонро дида падару модарон низ ашки шодӣ мерезанд. Зеро ҳар як фарзанде, ки дар оилаи осуда ба воя мерасад, албатта боиси рӯсурхии падару модари худ мегардад.

Агар ба таърихи ғании халқамон назар андозем, гувоҳи он мегардем, ки хислатҳои неки инсонӣ: ватанпарварӣ, ҳалолӣ, ростгӯйӣ, меҳнатдӯстӣ аввало дар муҳити оила ташаккул ёфтааст.

Падару модарон набояд фаромӯш кунанд, ки хулқу атвор ва табиати кӯдак даставвал дар муҳити оила ташаккул меёбад. Фарзанди солиму солеҳ аз осмон намеафтад, дар назорати волидон тарбия ёфта ба камол мерасад. Агар падару модар ба тарбияи саривақтии фарзанд бепарвоӣ ва беэътиборӣ зоҳир намоянд, кӣ будани рафиқони ӯро надонанд, ба роҳи нодуруст қадам мегузорад, ки дар ин маврид мақоли халқӣ "ҳамроҳи бад мебарад ба роҳи бад" ба хотир меояд. Қалби кӯдак ба коғази сафед монанд аст, дар он ҳар чӣ лозим ояд, менависанд. Барои тарбияи дурусти фарзанд аз ҳамаи имкониятҳо истифода бояд кард. Моҷарову беҳурматии байни падару модар ба тарбияи фарзанд таъсири бад мерасонад, вай дар ин оила бо нафрат ва ғазаб ба воя мерасад ва рӯзе ин нафрат сабабгори ҳолатҳои нохуш шуданаш мумкин. Қалъаи оиларо мустаҳкам ва аз боду борон ҳифз намудан дар дасти худамон.

**Завқибек МАҲМУДОВ,**
**ходими хурди илмии Институти таърихи Академияи фанҳои Ӯзбекистон.**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4852 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.